**САФИРИ НАВИ РУСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН КӢ МЕШАВАД?** с. 5

**РОҲИ ДУШВОРИ СУЛҲ** с. 9

**ДОВТАЛАБ. ОҒОЗИ ИМТИҲОНҲО МАЪЛУМ ШУД** с. 3

# ТОҶИКИСТОН

№ 25 (1689), 24.06.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто̄ст! Оғози нашр соли 1992





# 1180 РӮЗ

## ТАЛОШИ ПЕШВОИ СУЛҲ ВА МЕЪМОРИ ВАҲДАТ

**ДАР ИН ШУМОРА:**

**ХОВАЛИНГ**
Аз ифтитоҳи осоишгоҳ то деҳкадаи сайёҳӣ с.2

**20 МЛН ДОЛЛАР**
Қарзи имтиёзнок ба Тоҷикистон с.7

**ШАРИКИ ИҚТИСОДӢ**
Симои Осиёи Марказӣ тағйир меёбад? с.3

**ЭРОНУ АМРИКО**
6 нуктаи калидии созишномаи сулҳ с.4

**ВМКБ**
Иҷрокунандаи вазифаи раиси вилоят таъйин шуд с.5

**ТОП 15**
Андозсупорандагони асосии Тоҷикистон с.7

**ВАРЗИШ**
Тоҷикистон дар мусобиқаи «King's Cup 2026» с.15

**КАНЗИ ШИФО**
10 сабаби асосии фарбеҳӣ с.12

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,**
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,**
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,**
муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,**
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,**
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома маводибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ПРЕЗИДЕНТ ДАР ХОВАЛИНГ

## Аз ифтитоҳи осоишгоҳ то деҳкадаи сайёҳӣ

**20-уми июни соли равон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ифтитоҳи иншооти ҷашнӣ, гузоштани санги асос ба сохтмони иншооти оянда, суҳбат бо мардуми касбу кори гуногун ва шиносоӣ бо вазъи зиндагии аҳолӣ ба ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон сафар доштанд. Нахуст дар оғози сафари корӣ бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бинои маъмурии фурудгоҳи Ховалинг пас аз навсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Бинои маъмурии фурудгоҳ аз ҳуҷраҳои корӣ, толорҳои интизорӣ, ҷаласа ва қабулу гусели мусофирон, инчунин меҳмонхона иборат аст.**



### “АСРИ ВАҲДАТ”

Дар шаҳраки Мунки ноҳияи Ховалинг бошад, бо иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти ширии “Асри ваҳдат” оғоз бахшида шуд. Дар ин коргоҳ истеҳсоли зиёда аз 10 номгӯй маҳсулот, аз ҷумла қаймоқ, творог, кефир, ҷурғот, панир, йогурт, кефири мевагӣ, дӯғ, дӯғоб, маска ва дигар навъҳои маҳсулоти ширӣ ба роҳ монда шуда, онро соҳибкори ватанӣ Ҷумъахон Қосимов бунёд намудааст.

Иқтидори истеҳсолии коргоҳ дар як моҳ 30 тонна ва дар як сол то 360 тонна маҳсулоти ширии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва хушсифатро ташкил медиҳад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо раванди истеҳсол дар ҳамин ҷо бо лоиҳаи бунёди коргоҳи истеҳсоли ҳасиб низ шинос шуд. Коргоҳи истеҳсоли ҳасиб дар кӯчаи Рӯдакии шаҳраки Мунки ноҳияи Ховалинг аз ҷониби ҳамин соҳибкор бунёд мегардад.

Иқтидори коргоҳ коркарди 1 тонна гӯшт дар як шабонарӯз хоҳад буд. Ҳамчунин, соҳибкор дорои фермаи чорводорӣ бо зиёда аз 20 сар гови ширии зоти сиёҳало ва 100 сар гови зоти шведӣ мебошад.

### ОСОИШГОҲ БАРОИ ЯТИМОНУ МАЪЮБОН

Дар идомаи сафари кории Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Ховалинг дар деҳаи Шехмизон Осоишгоҳ барои ятимону маъюбон мавриди истифода қарор дода шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 6)**





## САРИ САБЗ



**Яна КРИВЧЕНКО,**
**зебосанами зодаи Тоҷикистон**

**- Акнун барои муҳимтарин озмуни ҳаётам - “Миссис Мира” омодагӣ мебинам. Умедворам, ки дар масъалаи ҳуҷҷатгузорӣ мушкиле пеш намеояд ва ман метавонам Русияро сазоворона намояндагӣ кунам ва шояд боз ҳам ба пирӯзӣ ноил шавам.**

*- Мо ҳам ба пирӯзии шумо умед мебандем ва боварӣ дорем, ки дар масъалаи ҳуҷҷатгузорӣ ягон мушкил пеш намеояд. Аммо, як нуктаи нозук - агар Русияро ҳам намояндагӣ кунед, ба зодаи Тоҷикистон буданатон ишора намоед, хуб мешавад.*



**Шоҳрулло АБДУЛЛОЕВ,**
**соҳибкор, сароянда, оҳангсоз ва актёр**

**- Инсон наметавонад дар як вақт чанд корро бо сифати баланд анҷом диҳад. Аз ин рӯ, як корро ба анҷом нарасонида, набояд аз пайи кори дигар шуд. Ва ниҳоят, ростгӯиву ростқавлӣ пояи ҳама гуна комёбист. Маҳз ростӣ ба ӯ эътимод, обрӯ ва ҳамкорони самимӣ меорад.**

*- О, садқаи номатон, пас шумо чӣ гуна метавонед аз уҳдаи ҳам соҳибкорӣ, ҳам сарояндагиву оҳангсозӣ ва ҳам актёрӣ бароед? Ё нутқатон иқрор аз фаъолияти худи шумост? Умуман, иқрори хуб, мақоле ҳам ҳаст ку: “Одами ҳамакора - ҳама кораш нимкора”...*



**Мадина САИДАЛИЗОДА,**
**“Хонандаи сол-2026”**

**- Донишҷӯи бахши кори табобатии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ҳастам. Мехоҳам оянда пизишки кӯдакон шуда, ба ноҳияи Шамсиддини Шоҳин баргардам ва бемории тифлакони ин гӯшаи дурдастро муолиҷа кунам. Чун дар ноҳияҳои дурдаст ба табибон ниёзи ҷиддӣ ҳаст.**

*- Хоҳишатон воқеан лоиқи ситоиш аст. Зимнан, инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки дар ноҳияҳои дурдаст ба табибони босавод бештар ниёз ҳаст. Ба ҳамин хотир, донишгоҳро бо саводи комил ва маҳорати баланд хатм кардан лозим.*

# ШАРИКИ ИҚТИСОДӢ

## Симои Осиёи Марказӣ тағйир меёбад?




*Иштирокдорони Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд, июни соли 2026*

**ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН ҲАДАФ ГУЗОШТААНД, КИ ГАРДИШИ ТИҶОРАТРО БА 2 МИЛЛИАРД ДОЛЛАР РАСОНАНД. ИН РАҚАМ ТО СОЛИ 2028 ПЕШБИНӢ ШУДААСТ. ОЁ РАСИДАН БА ОН ИМКОНПАЗИР АСТ?**

### МАРҲИЛАИ НАВИ РУШД

Ба 2 миллиард доллар расонидани гардиши тиҷорат байни кишварҳои ҳамсоя дар суханронии Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода дар Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд садо дод. Албатта, ин рақами хурд нест. Нишондиҳандаи он аст, ки иқтисоди ду ҳамсоякишвар ба марҳилаи нави рушд ворид шудаанд. Дар оянда он метавонад на танҳо ба рушди ду кишвар, балки ба таҳкими тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъсир расонад.

Пӯшида нест, ки давоми даҳ соли охир муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон аз як давраи сарди муносибат ва маҳдудиятҳо ба сатҳи шарикии стратегӣ расидаанд. Агар то соли 2016 сарҳадҳо бештар нақши ҷудокунанда доштанд, имрӯз ба воситаи рушди савдо, нақлиёт, сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои истеҳсолӣ ба омили муттаҳидкунанда табдил ёфтаанд.

Тавре Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода дар Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд гуфт, ҳоло гардиши мол байни ду кишвар аз 70 миллион доллар ба беш аз 1 миллиард доллар расидааст.

Ин афзоиши бесобиқа барои минтақаи пасошуравӣ яке аз намунаҳои муваффақи баркарорсозии робитаҳои иқтисодӣ ба шумор меравад. Саволе ба миён меояд, ки чаро маҳз ҳоло муносибатҳои иқтисодӣ байни ду кишвар босуръат рушд мекунанд?

Коршиноси масоили иқтисодӣ ва таҳлилгари масоили Осиёи Марказӣ Фарҳод Толибов бар ин назар аст, ки рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон натиҷаи се омил аст:

- *иродаи сиёсӣ;*
- *манфиати иқтисодӣ;*
- *тағйироти геоиқтисодӣ дар минтақа.*

Ба андешаи ӯ, пас аз ба сари қудрат омадани Шавкат Мирзиёев дар Ӯзбекистон сиёсати минтақавии Тошканд ба таври куллӣ тағйир ёфт. Ӯзбекистон аз модели нисбатан бастаи иқтисодӣ ба модели ҳамкории фаъол бо ҳамсоягон гузаштааст.

«Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дарк карданд, ки рақобат нисбат ба ҳамкорӣ фоидаи камтар меорад. Имрӯз ҳар ду кишвар аз бозорҳои якдигар, аз шабакаҳои нақлиётӣ ва аз имкониятҳои сармоягузории муштарак манфиат мебинанд»,- мегӯяд коршинос.

Ба гуфтаи ӯ, омили дуюм тағйироти иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Бухронҳои логистикӣ, таҳримҳо алайҳи Русия ва дигар тағйирот кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро водор намуданд, ки ба рушди бозорҳои дохилии минтақа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

> **«ПАС АЗ БА САРИ ҚУДРАТ ОМАДАНИ ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ӮЗБЕКИСТОН СИЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ТОШКАНД БА ТАВРИ КУЛЛӢ ТАҒЙИР ЁФТ. ӮЗБЕКИСТОН АЗ МОДЕЛИ НИСБАТАН БАСТАИ ИҚТИСОДӢ БА МОДЕЛИ ҲАМКОРИИ ФАЪОЛ БО ҲАМСОЯГОН ГУЗАШТААСТ.**

### АЗ САВДО БА ИСТЕҲСОЛИ МУШТАРАК

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими рушди муносибатҳои иқтисодӣ байни ду кишвар фаъолияти 530 корхонаи муштарак мебошад. Ба андешаи таҳлилгарон, маҳз истеҳсоли муштарак ояндаи муносибатҳои иқтисодии ду кишварро муайян мекунад. Тавре дар солҳои аввал ба назар мерасид, асосан мубодилаи молҳо рушд мекард. Ҳоло марҳилаи дигар оғоз шудааст. Ин сармоягузории пайваста ва таъсиси корхонаҳои бузурги муштарак мебошад. Ин раванд рушди иқтисоди кишварҳоро ба ҳам наздиктар мекунад. Бахшҳои дорои имкониятҳои бештар бошанд, пеш аз ҳама инҳоянд:

- *нассоҷӣ ва коркарди пахта;*
- *саноати хӯрокворӣ;*
- *коркарди маъданҳо;*
- *истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ;*
- *энергетика;*
- *логистика ва хизматрасониҳо.*

Тибқи маълумоти оморӣ, имрӯз беш аз 130 корхона бо сармояи Ӯзбекистон дар Тоҷикистон фаъолият мекунанд. Ҳамзамон, шумораи ширкатҳои дорои сармояи Тоҷикистон дар Ӯзбекистон аз 410 гузаштааст. Ин нишон медиҳад, ки соҳибкорони ду кишвар дигар танҳо ҳамчун шарики тиҷоратӣ не, балки ҳамчун сармоягузорони дарозмуддат амал мекунанд.

Афзоиши садкаратаи ҳамлу нақли бор байни ду кишвар яке аз нишондиҳандаҳои муҳими рушди иқтисодӣ мебошад. Зеро нақлиёт имрӯз ба омили калидӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистону Ӯзбекистон табдил ёфтааст. Ба андешаи коршиносон, Тоҷикистон барои Ӯзбекистон дари муҳим ба самти Чин ва кишварҳои кӯҳистонии минтақа мебошад. Аз ҷониби дигар, Ӯзбекистон барои Тоҷикистон яке аз роҳҳои асосии дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ боқӣ мемонад. Ҳар қадар инфрасохтор рушд кунад, ҳамон қадар савдо афзоиш меёбад. Зеро дар солҳои охир ду кишвар тавонистанд бисёр монеаҳои логистикиро бартараф намоянд.

### АЗ $ 2 МИЛЛИАРД ТО БАРТАРИИ ЭНЕРГИЯИ САБЗ

Яке аз мавзуҳои муҳим дар суханронии Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода дар Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд масъалаи иқтисоди сабз низ буд. Имрӯз Тоҷикистон тақрибан 98 фоизи нерӯи барқи худро аз нерӯгоҳҳои обӣ истеҳсол мекунад.

Таҳлилгарони масоили энергетикӣ ба ин назаранд, ки дар даҳсолаи оянда сармоягузорон бештар ба кишварҳое таваҷҷуҳ мекунанд, ки имкони истеҳсол бо энергияи тоза доранд.

**(Давомаш дар саҳ. 7)**

## РӮЗИ СУПОРИДАНИ ИМТИҲОН МАЪЛУМ ШУД

**Аз 1 то 10-уми июл дар Тоҷикистон даври асосии имтиҳонҳои дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкада ва коллеҷҳо баргузор мешавад.**

Дар ин рӯзҳо хатмкунандаҳои синфи 11 ва 9-и мактаб, ки худро дар марҳилаи асосии сабтином дар Маркази миллии тестӣ (ММТ) номнавис кардаанд, барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ имтиҳон месупоранд.

Дар ин бора аз ММТ хабар дода, гуфтанд, ки имтиҳон дар 55 маркази имтиҳонӣ, ки дар мактабҳои 21 шаҳру ноҳияи кишвар ташкил шудаанд, сурат мегирад.

“Маълумоти мушаххас дар бораи макон ва замони имтиҳонсупории ҳар як довталаб дар даъватномааш қайд карда мешавад. Ин маълумот барои довталабон дар кабинети инфиродияшон низ дастрас мешавад”,- гуфтанд аз ММТ.

Ин ниҳод ба довталабон тавсия додааст, пас аз дарёфти даъватномаашон аз сомонаи ММТ дар бораи нишонӣ ва маркази имтиҳоние, ки дар даъватномаашон зикр шудааст, огоҳ шаванд.

## ДУ ИДИ НАВ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Тоҷикистон рӯзи 17-уми июн ба тағйиру иловаҳои Қонун “Дар бораи рӯзҳои ид” имзо гузошт, ки тибқи он ду иди нави касбӣ таъсис шуд.**

Тибқи тағйирот ба моддаи 2-и ин қонун, минбаъд 23-юми июн ҳамчун Рӯзи корманд (хидматчӣ)-и давлатӣ ва 12-уми декабр Рӯзи кормандони мақомоти ҳисобрасӣ (аудит) ҷашн гирифта мешавад.

Ҳардуи ин идҳои касбӣ бидуни рӯзи истироҳат таҷлил карда мешаванд.

Ба гуфтаи вакилони парлумони Тоҷикистон, роҳандозии иди касбӣ "ба эътибору нуфуз"-и коркунони давлатӣ ва "ифтихори касбӣ"-и кормандони мақомоти ҳисобрасӣ мусоидат мекунад.

Ҳамакнун, дар Тоҷикистон расман 99 иду ҷашн мавҷуд аст, ки 9-тои он ғайрикорӣ ва ё истироҳатӣ аст.

# ЭРОНУ АМРИКО

## 6 нуктаи калидӣ аз даври аввали музокирот



**ДАВРИ АВВАЛИ МУЗОКИРОТИ АМРИКОВУ ЭРОН БАЪДИ БА ИМЗО РАСИДАНИ СОЗИШИ ОТАШБАС МИЁНИ ПРЕЗИДЕНТҲОИ ДУ КИШВАР - ДОНАЛД ТРАМП ВА МАСЪУДИ ПИЗИШКИЁН, 21-УМИ ИЮН, ДАР ШАҲРИ БЮРГЕНШТОКИ ШВЕЙТСАРИЯ БО МИЁНҶИГАРИИ ПОКИСТОНУ ҚАТАР БАРГУЗОР ШУД. ДАР ИН НИШАСТ РАҲБАРИИ ҲАЙАТИ ЭРОНИРО МУҲАММАДБОҚИР ҚОЛИБОФ, РИСИ МАҶЛИСИ ШУРОИ ИСЛОМИИ ЭРОН ВА АМРИКОИРО ҶЕЙ ДИ ВЕНС, МУОВИНИ РАИСҶУМҲУРИ АМРИКО БА УҲДА ДОШТАНД.**

### АЗ МАЙДОНИ ҶАНГ ТО МИЗИ МУЗОКИРОТ

Муносибатҳои Эрон ва Амрико тайи даҳсолаҳои охир бо беэътимодӣ, таҳримҳо ва рақобати геополитикӣ тавсиф мешаванд. Аммо ҷанги охире, ки бо иштироки Амрико, Исроил ва Эрон ба вуқуъ пайваст, нишон дод, ки идомаи низоъ метавонад тамоми минтақа ва ҳатто иқтисоди ҷаҳонро ба вартаи бӯҳрони амиқтар кашонад.

Яке аз омилҳои асосии тағйири вазъият баста шудани гулӯгоҳи Ҳурмуз буд. Ин оброҳ аҳамияти фавқулода дорад, зеро тақрибан панҷяки нафт ва қисми зиёди гази моеи ҷаҳон аз ҳамин масир интиқол меёбад. Баста шудани он фавран ба болоравии нархи энержӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ сабаб гардид. Дар чунин шароит ҳам Вашингтон ва ҳам Теҳрон дарк карданд, ки идомаи муқовимат метавонад барои ҳар ду ҷониб хароҷоти аз ҳад зиёд дошта бошад.

### ЧАРО МАҲЗ ҚАТАР ВА ПОКИСТОН?

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби музокироти Бюргеншток нақши фаъолонаи Қатар ва Покистон мебошад. Қатар солҳои охир борҳо ҳамчун миёнҷии муваффақ дар бӯҳронҳои минтақавӣ баромад кардааст. Ин кишвар ҳам бо Амрико ва ҳам бо Эрон муносибатҳои нисбатан хуб дорад. Покистон бошад, ягона кишвари мусалмони дорои силоҳи ҳастаӣ буда, ҳамзамон бо Теҳрон ва Вашингтон иртиботи дипломатии фаъолро нигоҳ медорад.

### ШАШ НАТИҶАИ МУҲИМИ ДАВРИ АВВАЛ

Ҳарчанд ҷонибҳо то ҳол ба созиши ниҳоӣ нарасидаанд, аммо даври аввали музокирот чанд натиҷаи назаррас ба бор овард.

Аввалан, ҷонибҳо барои таҳияи нақшаи роҳи 60-рӯза мувофиқат карданд. Ин маънои онро дорад, ки музокирот акнун шакли сохторӣ гирифтааст.

Дуюм, қарор шуд кумитаи махсуси музокирот таъсис дода шавад, ки масъалаҳои баҳсбарангезро дар сатҳи коршиносон баррасӣ намояд.

Сеюм, барои назорати вазъ дар Лубнон гурӯҳи махсуси коҳиши таниш таъсис дода мешавад.

Чорум, Эрон ва Амрико барои таъсиси канали мустақими иртиботӣ дар масъалаи амнияти гулӯгоҳи Ҳурмуз розӣ шудаанд. Ин иқдом метавонад хатари даргириҳои тасодуфиро ба таври ҷиддӣ коҳиш диҳад.

Панҷум, Вашингтон маҳдудиятҳои содироти нафти Эронро барои 60 рӯз сабук намуд.

Ва ниҳоят, бахше аз дороиҳои масдудшудаи Эрон озод карда шуданд, ки аз оғози тағйироти эҳтимолӣ дар муносибатҳои иқтисодии ду кишвар шаҳодат медиҳад.

### МУШКИЛОТИ АСОСӢ БОҚӢ МОНДААНД

Бо вуҷуди пешрафтҳои эълоншуда, роҳи расидан ба созиши пойдор осон нест. Эрон талаб мекунад, ки таҳримҳо пурра бекор шуда, Амрико иҷрои тамоми уҳдадориҳои худро кафолат диҳад.

Вашингтон бошад, мехоҳад масъалаи барномаи ҳастаии Эрон ва фаъолияти гурӯҳҳои муттаҳиди Теҳрон дар минтақа таҳти назорат қарор гирад.

Ғайр аз ин, идомаи амалиётҳои низомӣ дар Лубнон ва нақши Исроил ҳамоно яке аз нуктаҳои баҳсбарангез боқӣ мемонад.

Маҳз ҳамин масъалаҳо метавонанд дар ҳар лаҳза музокиротро ба бунбаст расонанд.

### ОЁ ТРАМП ВОҚЕАН СУЛҲ МЕХОҲАД?

Дар муҳити сиёсӣ ва коршиносӣ дар бораи ҳадафҳои воқеии Вашингтон назарҳои гуногун вуҷуд доранд.

Гурӯҳе аз таҳлилгарон бар ин назаранд, ки маъмурияти Доналд Трамп воқеан мехоҳад бӯҳрони Халиҷи Форсро хотима диҳад, зеро идомаи ҷанг ба иқтисоди Амрико ва бозори ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Аммо гурӯҳи дигар чунин мешуморанд, ки Вашингтон аз музокирот бештар ҳамчун воситаи фишор истифода мебарад ва омода нест ҳамаи талаботи Эронро қабул кунад.

Изҳороти ахири Трамп дар бораи эҳтимоли «зарбаҳои сахттар» алайҳи Эрон низ нишон медиҳад, ки забони таҳдид ҳанӯз аз сиёсати ду кишвар хориҷ нашудааст.

### ОЯНДАИ МИНТАҚА БА ЧӢ ВОБАСТА АСТ?

Муҳимтарин натиҷаи музокироти Бюргеншток на санадҳои имзошуда, балки эҳёи муколама мебошад. Таҷрибаи таърих нишон медиҳад, ки ҳатто рақибони сарсахт метавонанд тавассути гуфтушунид роҳи ҳалли мушкилотро пайдо кунанд.

Агар нақшаи роҳи 60-рӯза амалӣ шавад, эҳтимол дорад, ки дар моҳҳои наздик шоҳиди коҳиши танишҳо дар Халиҷи Форс, Лубнон ва дигар нуқтаҳои бӯҳронӣ бошем. Аммо агар ҷонибҳо ба уҳдадориҳои худ пойбанд намонанд, минтақа метавонад дубора ба гирдоби ҷанг баргардад.




# «РӮҲИ ЭРОН ЗИНДА АСТ»

## Паёми Дастаи мунтахаби Эрон дар Лос-Анҷелес

**Дастаи мунтахаби Эрон пас аз бозӣ бо Белгия дар мусобиқаи Ҷоми ҷаҳонии футбол дар утоқи либосивазкунӣ ёддоште гузошт, ки дар он ба сокинони шаҳри Лос-Анҷелес, ки даста ду бозии аввали мусобиқаро - муқобили Зеландияи Нав ва Белгия дар он ҷо баргузор кард, изҳори сипос гуфтааст.**

Дар паём омадааст: «Аз Форси бостон, ки ҳазорсолаҳо пеш вуҷуд дошт, то Эрони мутамаддини имрӯз, рӯҳи Эрон ҳамоно зинда ва шикастнопазир боқӣ мондааст. Ташаккур, Лос-Анҷелес, барои меҳмоннавозии шумо. Мо бо ифтихор ба Лос-Анҷелес омадем, бо шараф рақобат кардем ва бо сарбаландӣ онро тарк мекунем. Ҳамчунин ба ҳар як эроние, ки дар тӯли ин 180 дақиқа дил, садо ва рӯҳи худро ба Эрон бахшид, сипос мегӯем. Бигзор миёни ҳамаи миллатҳо сулҳ, эҳтиром ва дӯстӣ ҳукмфармо бошад. #168 #Миноб». Матни асосии ёддошт бо ранги кабуд навишта шуда, бо ранги сурх аломатҳои дил ва ҳештегҳои #168 ва #Миноб илова гардидаанд. Ин рамзҳо ба ҳамлаи ИМА ба як мактаб дар шаҳри Минобӣ Эрон ишора мекунанд, ки дар натиҷаи он 168 кӯдак, асосан духтарони аз 7 то 12-сола ҷон бохтаанд.



# ИСТЕЪФОИ САРВАЗИРИ БРИТАНИЯ

**Кир Стармер, нахуствазири Британия эълон кард, ки аз мақомаш канорагирӣ мекунад, аммо то интихоби сарвазири нав аз сӯйи Ҳизби коргар корашро давом медиҳад.**

Стармер 22-юми июн дар мурожиате гуфт, ки бо подшоҳи Британиё дар бораи истеъфо суҳбат кардааст ва тамоми талошашро "барои интиқоли муназзам"-и қудрат анҷом хоҳад дод.

Ба гуфтаи нахуствазири Британиё, раванди интихоби раҳбари нави Ҳизби коргар дар моҳи июл оғоз мешавад ва дар моҳи сентябр номи сарвазири нав маълум хоҳад шуд. Пештар расонаҳо гузориш доданд, ки Ивет Купер, вазири корҳои хориҷӣ ва беш аз 100 намояндаи маҷлиси Британиё хоҳони истеъфои Кир Стармер шудаанд. Гуфта мешавад, ки шаҳрдори Манчестер Энди Бёрнем номзади аслӣ барои курсии нахуствазирии Британиёст.

BBC

# ДАРГУЗАШТИ АВВАЛИН КАЙҲОННАВАРДИ АФҒОНИСТОН

**Аввалин ва ягона кайҳоннаварди Афғонистон Абдул Аҳад Муҳманд дар синни 67-солагӣ дар Олмон даргузашт. Оила ва дӯстони ӯ ин хабарро тасдиқ карданд.**



Муҳманд солҳои охир бо оилааш дар Штутгарт зиндагӣ мекард. Абдул Аҳад Муҳманд соли 1987 Академияи нерӯҳои ҳавоии Гагаринро хатм карда, инчунин дар мактабҳои ҳарбии ҳавопаймоии Краснодар ва Киев таҳсил кардааст. Соли 1988, дар синни 29-солагӣ, ӯ ба истгоҳи кайҳонии Мир сафар кард ва тақрибан нуҳ рӯзро дар он ҷо гузаронд. Ӯро ҳамкорони шуравияш Владимир Ляхов ва Валерий Поляков ҳамроҳӣ мекарданд.

Тавре қаблан REN TV хабар дода буд, Муҳманд дар истгоҳи Мир дар таҷрибаҳои беназир, аз ҷумла аксбардории Афғонистон аз кайҳон иштирок кард, ки имкон дод аввалин харитаи пурраи ҷуғрофии ин минтақа сохта шавад.

TOLO news

# ВМКБ

## ИҶРОКУНАНДАИ ВАЗИФАИ РАИСИ ВИЛОЯТ МАЪЛУМ ШУД

**Баъд аз марги фоҷиавии раиси ВМКБ Алишер Мирзонабот дар пайи садамаи нақлиётӣ, Шарифхон Сафарзода, муовини якуми ӯ иҷрокунандаи вазифаи раиси вилоят таъйин гардидааст. Бо гузашти як ҳафта ҷустуҷӯи ҷасади Алишер Мирзонабот ва ҳамроҳони ӯ идома дорад.**



### ИҶРОКУНАНДА КИСТ?

Феълан, иҷрои вазифаҳои раиси ВМКБ муваққатан ба зиммаи муовини якуми раиси вилоят Шарифхон Сафарзода вогузор гардидааст. Тавре аз мақомоти вилоят хабар доданд, ӯ то таъйини раиси нави ВМКБ ҳамчун иҷрокунандаи вазифа фаъолият хоҳад кард.

Номи Шарифхон Сафарзода аллакай дар санадҳои расмии мақомоти вилоят, аз ҷумла дар қарори вобаста ба даъвати Иҷлосияи шашуми Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ ҳамчун иҷрокунандаи вазифаи раиси вилоят зикр шудааст.

Сафарзода аз соли 2023 дар мақоми муовини якуми раиси ВМКБ фаъолият дошта, то ин замон дар вазифаҳои гуногуни роҳбарикунанда, аз ҷумла раиси ноҳияи Варзоб ва муовини якуми раиси ноҳияи Исмоили Сомонӣ кор кардааст. Дар манобеи боз дар бораи ӯ маълумоти зиёде мавҷуд нест.

**МОШИНИ РАИСИ ВМКБ СУБҲИ 17-УМИ ИЮН ҲАНГОМИ БОЗГАШТ АЗ ДУШАНБЕ БА ХОРУҒ ДАР ҲУДУДИ НОҲИЯИ ДАРВОЗ АЗ РОҲ БЕРУН ШУДА, БА ДАРЁИ ПАНҶ САРОЗЕР ГАРДИД...**



## АЛИШЕР МИРЗОНАБОТРО БЕШ АЗ 100 НАФАР МЕҶӮЯНД

**Алишер Мирзонабот, ки аз соли 2021 роҳбарии ВМКБ-ро ба уҳда дошт, ҳамзамон муовини раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.**

Пеш аз ин дар сохторҳои амниятии кишвар фаъолият намуда, ба ҳайси муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ хизмат кардааст. Зодаи ноҳияи Рӯшон буд ва солҳои охир яке аз чеҳраҳои калидии идоракунии минтақа ба ҳисоб мерафт. Мошини хидматии раиси ВМКБ субҳи 17-уми июн ҳангоми бозгашт аз Душанбе ба Хоруғ дар километри 282-юми шоҳроҳи Душанбе - Хоруғ, байни деҳаҳои Зиғар ва Яхчисори ноҳияи Дарвоз аз роҳ берун шуда, ба дарёи Панҷ сарозер гардид. Дар дохили мошин панҷ нафар қарор доштанд: раиси ВМКБ Алишер Мирзонабот, ҳамсари ӯ Амина Амонуллоева, духтари дусолааш Орифа Мирзонаботзода, ёвари раиси вилоят Садоншо Ҷанобалишо ва ронанда Сино Муборакшоев.

Ба иттилои Вазорати корҳои дохилӣ, сабаби пешакии садама суръати баланд ва аз уҳдаи идораи воситаи нақлиёт набаромадани ронанда арзёбӣ шудааст. Айни замон таҳқиқи расмии ҳодиса идома дошта, он таҳти назорати бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Аз рӯзи сар задани ҳодиса то кунун беш аз 100 нафар наҷотдиҳанда, ғаввос ва кормандони сохторҳои дахлдор дар минтақаҳои гуногуни соҳили дарёи Панҷ ба ҷустуҷӯи ҷасадҳои гумшуда машғуланд.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулода хабар медиҳад, ки корҳои ҷустуҷӯӣ ҳам дар рӯйи об ва ҳам дар зери об идома доранд. Наҷотбахшон на танҳо дар маҳали ҳодиса дар ноҳияи Дарвоз, балки дар ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, минтақаи Кӯлоб ва дигар мавзеъҳои эҳтимолии ҳаракати ҷараёни об фаъолият мебаранд. Ҳанӯз ҷасади Алишер Мирзонабот ва ҳамроҳонаш пайдо нашудааст.



# САФИРИ НАВИ РУСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН КӢ МЕШАВАД?

**Семён Григорев, сафири фавқулода ва мухтори Федератсияи Русия дар Тоҷикистон мақоми худро дар Душанбе тарк мекунад. Ба ҷойи ӯ ба ин мақом Александр Киншак, директори Департаменти Ховари Миёна ва Африқои Шимолии Вазорати корҳои хориҷии Русия пешниҳод шудааст.**



Дар ин бора хабаргузории ТАСС бо истинод ба Константин Затулин, муовини якуми раиси Кумитаи Думаи давлатии Русия оид ба корҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иттилоъ додааст.

Ба гуфтаи Затулин, дар ҷаласаи пӯшидаи кумитаи мазкур масъалаи мувофиқа бо президенти Русия барои бозхонд ва таъини сафирон дар Тоҷикистон ва Абхозистон баррасӣ шудааст.

«Семён Григорев мақоми худро дар Душанбе тарк мекунад. Ӯро дар ин вазифа Александр Киншак, ки дипломати касбӣ аст ва айни ҳол Департаменти Ховари Миёна ва Африқои Шимолии Вазорати корҳои хориҷии Русияро роҳбарӣ менамояд, иваз мекунад»,- гуфтааст Затулин.

Ӯ ҳамчунин хабар додааст, ки пешниҳод кардааст сафири амалкунанда Семён Григорев бо Ифтихорномаи Думаи давлатии Русия сарфароз гардонида шавад. Аъзои кумитаи соҳавӣ ин ташаббусро ҷонибдорӣ кардаанд.

Тибқи Конститутсияи Русия, таъин ва бозхонди сафирон аз ҷониби президенти ин кишвар пас аз машварат бо кумитаҳои дахлдори Думаи давлатӣ ва Шурои Федератсия анҷом дода мешавад.

Семён Григорев бо фармони президенти Русия 16-уми августи соли 2022 сафири фавқулода ва мухтори ин кишвар дар Тоҷикистон таъин шуда, моҳи октябри ҳамон сол фаъолияти худро дар Душанбе оғоз карда буд. Ҳамин тавр, рисолати дипломатии ӯ дар Тоҷикистон наздик ба чаҳор сол идома ёфт.

Григорев аз дипломатҳо ва шарқшиносони ботаҷрибаи Русия ба шумор меравад. Ӯ хатмкардаи Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналмилалии Маскав (МГИМО) буда, ба забонҳои форсӣ, дарӣ, пашту ва англисӣ ҳарф мезанад. Пеш аз таъин шудан ба Душанбе, ӯ тақрибан даҳ сол роҳбарии намояндагии дипломатии Русия дар Абхозистонро бар уҳда дошт. Ҳамчунин солҳои 2000-2001 ҳамчун мушовири сиёсӣ дар ҳайати намояндагии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Дар давраи фаъолияти Семён Григорев дар Душанбе муносибатҳои Тоҷикистон ва Русия дар чанд самти муҳим, аз ҷумла амният, иқтисод, муҳоҷират, маориф ва ҳамкориҳои башардӯстона густариш ёфтанд. Александр Киншак, ки ба ҳайси сафири нави Русия дар Тоҷикистон пешниҳод шудааст, низ дипломати собиқадор мебошад. Ӯ соли 1962 таваллуд шуда, хатмкардаи МГИМО аст ва забонҳои арабӣ ва англисиро медонад. Аз соли 1988 дар хизмати дипломатӣ фаъолият дошта, бештар ба кишварҳои Ховари Миёна ва Африқои Шимолӣ тахассус дорад.

Киншак дар солҳои гуногун сафири Русия дар Кувайт ва Сурия буд. Аз соли 2018 инҷониб Департаменти Ховари Миёна ва Африқои Шимолии Вазорати корҳои хориҷии Русияро роҳбарӣ мекунад. Соли 2020 ӯ намояндаи махсуси вазири корҳои хориҷии Русия оид ба танзими буҳрони Сурия таъин гардида буд.

Интизор меравад, ки пас аз анҷоми расмиёти машваратӣ ва судури фармони дахлдори президенти Русия, тағйирот дар намояндагии дипломатии ин кишвар дар Душанбе расман ба иҷро дарояд.

**О. СОҲИБЗОДА**

# ПРЕЗИДЕНТ ДАР ХОВАЛИНГ

## Аз ифтитоҳи осоишгоҳ то деҳкадаи сайёҳӣ

(Аввалаш дар саҳ. 2)





Он аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ аз хонаводаҳои Каримовҳо ва Одинаевҳо бунёд гардидааст.

Осоишгоҳ аз ҳуҷраҳои хоб, корӣ, толорҳои муҷаҳҳаз барои омӯзиши ҳунарҳои дӯзандагӣ, дуредгарӣ ва расмкашӣ, маҷлисгоҳ, китобхона, ҳуҷраи тиббӣ, ҳаммом ва анбор барои нигоҳдории маҳсулот, ду ҳавзи оббозӣ, майдончаҳои футболу волейбол ва майдончаи бозии кӯдакон иборат аст.

Як қатор иншооти муҳими иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ ба истифода дода шуданд.

Дар маҳаллаи Сохтмончиёни шаҳраки Мунк пас аз таъмиру навсозии пурра Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6 ба номи Иброҳим Раҳмонзода, дар деҳаи Айлодара бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Дар идомаи тадбирҳо бинои нави иловагии маъмурии шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Ховалинг ва майдончаи варзишии назди он ба истифода дода шуд. Ҳамчунин, дар деҳаи Дараи Мухтор Маҷмааи варзишии нав, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Абдулло Ҳасанов бунёд ёфтааст, ифтитоҳ гардид.

### ДЕҲКАДАИ САЙЁҲӢ

Дар деҳоти ба номи Ғаффор Мирзо Деҳкадаи сайёҳӣ, ки мавзеи навбунёди сайёҳӣ ва тамошою фароғат аст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Сохтмони иншоот дар масоҳати беш аз 1 гектар аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Абдулло Ҳасанзода бо сифати баланд ба анҷом расонида шуд. Деҳкадаи сайёҳӣ дар қисми ҷанубу шарқии ноҳияи Ховалинг аз маркази ноҳия дар масофаи 9,5 км ҷойгир буда, дорои ошхонаи барҳаво бо 50 ҷойи нишаст дар як вақт, мавзеи гулханафрӯзӣ бо меъмории таърихӣ, ҷойҳои бозию дилхушӣ ва роҳраву гулгаштҳои назаррабо мебошад.

Деҳкадаи сайёҳӣ бо мақсади муаррифии тарзи ҳаёти суннатии мардуми тоҷик бунёд гардида, дар он намунаҳои беҳтарини меъмории миллӣ таҷассум ёфтаанд. Биноҳо ва иншооти деҳакада бо услуби анъанавӣ сохта шуда, шаклу намуди онҳо ба хонаҳои қадимаи тоҷикон шабоҳат дорад.

Пас аз ифтитоҳи Деҳкадаи сайёҳӣ, ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон намунаи дастовардҳои кишоварзони ноҳия муаррифӣ карда шуд.

### БОҒИ ИНТЕНСИВӢ

Дар охири боздид аз ноҳияи Ховалинг Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз боғи интенсивӣ дидан намуданд. Он дар масоҳати 10 гектар замини талу теппаҳои баланд доман паҳн кардааст. Иттилоъ дода шуд, ки боғи себ се сол пеш бунёд ёфта, имсол аллакай дарахтони он ҳосили фаровон доранд. Дар ин мавзеи хушбоду ҳавои ноҳияи Ховалинг, ки иқлимаш барои дарахтони мевадиҳанда мусоид мебошад, ҳамчунин дарахтони хуч, олуча, гелос ва ғайра парвариш меёбанд.

---

# ФЕСТИВАЛИ ФАРҲАНГИИ КОРЕЯ ВА ТОҶИКИСТОН-2026

## Равзанаи нави ҳамкорӣ ва дӯстии ду кишвар

**Бо ибтикори Сафорати Корея дар Тоҷикистон рӯзҳои 17-18-уми июн дар шаҳри Душанбе "Фестивали фарҳангии Корея ва Тоҷикистон-2026" баргузор гашт.**









"Фестивали фарҳангии Корея ва Тоҷикистон-2026" дар саҳни Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ хеле пуршукӯҳ баргузор гашта, ҳазорон нафар ҳаводорони фарҳангу санъати Корея дар чорабинӣ иштирок доштанд.

Қабл аз оғози қисмати тантанавии фестивал сокинон ва меҳмонони пойтахт аз тамошои растаҳои зебо бо анвои мухталифи сарулибос ва ғизоҳои миллии куриёӣ, маҳсулоти ороишию косметикии истеҳсоли Корея, ки бо сифати баландашон дар саросари ҷаҳон машҳур гаштаанд, тасвирҳои ҷолиб аз филмҳои куриёӣ, ки дар Тоҷикистон мухлисони бешумор доранд, лаззат бурданд ва бо мусиқии муосир, мошинҳои наву замонавии истеҳсоли Корея ва дигар дастовардҳои ин кишвар ошно шуданд. Кӯдакону наврасон бошанд, бо шавқ машғули бозиҳои миллии куриёӣ буданд.

Дар маросими тантанавии ифтитоҳи "Фестивали фарҳангии Корея ва Тоҷикистон-2026" намояндагони вазорату идораҳои гуногуни давлатӣ, созмонҳои байналмилалию корпусҳои дипломатии хориҷӣ, сокинон ва меҳмонони пойтахт иштирок доштанд.

Чорабиниро бо сухани ифтитоҳӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ҷон Сонг Шик ҳусни оғоз бахшида, ба Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳомиятии давлатии шаҳри Душанбе барои дастгириашон дар баргузории фестивал изҳори сипос намуда, гуфт:

- Аз соли 2022 инҷониб мо ҳамасола дар шаҳри Душанбе "Фестивали фарҳангии Корея"-ро баргузор менамоем, ки аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон гарм пазирой мешавад. Моҳи сентябр дар Сеул Саммити Корея ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Саммити Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор хоҳад гашт. "Фестивали фарҳангии Тоҷикистон ва Корея-2026" ба чорабинии мазкур бахшида шуда, давоми 2 рӯз, 17-18-уми июн дар Душанбе ва 20-уми июн дар Хуҷанди бостонӣ дар доираи фестивал чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ баргузор мегардад. Фарҳанг нерӯи бузургест, ки одамонро сарфи назар аз марзҳои ҷуғрофӣ ба ҳам мепайвандад. Умедворам, ки "Фестивали фарҳангии Корея ва Тоҷикистон-2026" ба ду халқи дӯст имкон медиҳад якдигарро беҳтар дарк намоянд ва дӯстии байни кишварҳои моро мустҳкамтар месозад. Корея ва Тоҷикистон ба пеш!!!

Дар доираи фестивал мусобиқаи "Кей-поп" баргузор гашта, 14 гурӯҳи ҳунарӣ маҳорати худро дар ин жанри мусиқӣ, ки зодаи Корея аст, ба ҳайати ҳакамон ва иштирокчиёни фестивал намоиш доданд. Шоҳҷоизаи "Фестивали фарҳангии Корея ва Тоҷикистон-2026" насиби дастаи "Новая эра" гашт.

Ҷоизаи "Беҳтарин намоиши рақсӣ"-и фестивалро дастаи рақсии "Мираж" ва ҷоизаи "Овозхони беҳтарин"-ро Арина Ҷалилова соҳиб шуда, дастаи рақсии ЭКЛИПС бо Ҷоизаи маҳбубияти мухлисон сарфароз гардонида шуд. Қобили зикр аст, ки чанд дастаи ҳунарӣ ва як гурӯҳ ҳунармандони машҳури Корея бо мақсади иштирок дар "Фестивали фарҳангии Корея ва Тоҷикистон-2026" ба кишвари мо сафар намуданд ва 18-уми июн консерти муштараки ҳунармандони ду кишвар баргузор гашт. Мухлисони тоҷикистониашон ҳунарнамоии CHEER ART, JEONGSU PARK ва KISU-и Корeяро бо кафкӯбиҳои пурмавҷи бардавом истиқбол гирифтанд.

Умедворем, ки "Фестивали фарҳангии Корея ва Тоҷикистон-2026" равзанаи наверо дар ҷодаи дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманди ду кишвар боз мекунад.

## ТОП-15 БУЗУРГТАРИН АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН

Январ–апрели 2026 | Маблағҳо бо млн сомонӣ

Ба буҷети кишвар дар 3 моҳ: **8 млрд 253,5 млн сомонӣ**

15 ширкати бузург дар 4 моҳ: **3 млрд 950,8 млн сомонӣ**

ТОП-15 дар 4 моҳ: **3 млрд 850,8 млн сомонӣ**

| № | ШИРКАТ | СОҲА | МЛН СОМОНӢ |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ КМ «Зарафшон» | тилло ва маъдан | 680,5 |
| 2 | ҶДММ КМ «Анзоб» | маъданҳои кӯҳӣ | 674,4 |
| 3 | ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | энергетика | 438,7 |
| 4 | ҶДММ «Комбинати металлургии Анзоб» | металлургия | 347,5 |
| 5 | ШСХК «Барқи тоҷик» | энергетика | 283,6 |
| 6 | ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Чин» | геология ва маъдан | 261,2 |
| 7 | ҶСП «ТТ Мобайл» | алоқаи мобилӣ | 250,5 |
| 8 | ҶСП «Индиго Тоҷикистон» (Tcell) | телеком | 188,0 |
| 9 | ҶДММ «ТВЕА Душанбе Саноати Кӯҳӣ» | маъдан | 125,6 |
| 10 | ҶСП «Оби Зулол» | оби ошомиданӣ | 125,1 |
| 11 | ҶСП «ТАЛКО Голд» | истихроҷи маъдан | 124,6 |
| 12 | ҶДММ «Газпром нефт Тоҷикистон» | сӯзишворӣ | 114,9 |
| 13 | ҶДММ «Пакрут» | фулузоти гаронбаҳо | 89,2 |
| 14 | ҶСП «Вавилон Мобайл» | алоқа | 73,5 |
| 15 | ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Семент» | семент | 73,5 |

Манбаъ: Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРЗИ ИМТИЁЗНОК БА ТОҶИКИСТОН

**Дар шаҳри Венаи Австрия миёни Тоҷикистон ва Фонди кувайтии рушди иқтисодии Араб созишномаи қарзӣ оид ба татбиқи лоиҳаи «Рушди мактабҳо» ба имзо расид. Тавре Вазорати молияи Тоҷикистон хабар медиҳад, санади мазкурро вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва мудири кулли Фонди кувайтии рушди иқтисодии Араб Валид Ал-Баҳар ба имзо расонидаанд.**

Тибқи созишнома, ҳаҷми умумии маблағгузорӣ 6 миллион динори кувайтӣ, муодили 20 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Ин маблағ ба Тоҷикистон дар шакли қарзи имтиёзнок пешниҳод мешавад.



Ҳамзамон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи ин лоиҳа 4,5 миллион доллари амрикоӣ ҷудо хоҳад кард.

Гуфта мешавад, ки ҳадафи лоиҳаи «Рушди мактабҳо» такмил ва рушди низоми таҳсилоти умумӣ, қонеъ намудани ниёзҳои кишвар ба инфрасохтори таълимӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои афзоиши шумораи хонандагон мебошад.

Дар доираи лоиҳа бунёд ва муҷаҳҳазсозии як қатор муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Созишномаи мазкур рӯзи 23-юми июни соли 2026 зимни мулоқоти вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода бо мудири кулли Фонди кувайтии рушди иқтисодии Араб Валид Ал-Баҳар дар шаҳри Венаи Австрия ба имзо расид.

# ШАРИКИ ИҚТИСОДӢ

(Аввалаш дар саҳ. 3)

Тоҷикистон дар ин самт яке аз мавқеъҳои беҳтарини ҷаҳонро соҳиб аст. Акнун бардгем ба ҳадафи 2 миллиард доллар расонидани гардиши мол байни Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки дар форуми мазкур садо дод. Оё ин воқеӣ аст? Коршиносон бар ин назаранд, ки расидан ба гардиши моли 2 миллиард доллар то соли 2028 имконпазир аст. Аммо ин кор талошҳои ҷиддиро талаб мекунад. Барои муқоиса, агар ҳаҷми кунунии савдо тақрибан 1 миллиард доллар бошад, барои расидан ба нишондиҳандаи нав афзоиши миёнаи солонаи 20-25 фоиз зарур мешавад. Ин вазифа душвор аст, вале ғайриимкон низ нест. Таҷрибаи солҳои гузашта нишон медиҳанд, ки муносибатҳои иқтисодии ду кишвар метавонанд бо суръати баланд рушд кунанд. Ба андешаи таҳлилгарон, барои ноил шудан ба ин ҳадаф рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, коҳиши хароҷоти логистикӣ, рақамикунонии расмиёти гумрукӣ, ҷалби сармоягузориҳои муштарак, рушди содироти маҳсулоти саноатӣ, густариши ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика зарур аст.

### ИҚТИСОДИ НАВ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Имрӯз дар Осиёи Марказӣ тамоюли нави ҳамгироии минтақавӣ мушоҳида мешавад. Ҳамаи кишварҳои минтақа дарк кардаанд, ки рушди иқтисодӣ бе ҳамкорӣ ва бозори умумии минтақавӣ душвор аст. Дар ин раванд Тоҷикистон ва Ӯзбекистон метавонанд ба яке аз меҳварҳои асосии рушди иқтисодии минтақа табдил ёбанд. Тоҷикистон захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва маъданӣ дорад, Ӯзбекистон бошад, дорои бозори калон, инфрасохтори рушдёфта ва иқтидори саноатӣ мебошад. Муттаҳидсозии ин имкониятҳо метавонад ба ташаккули занҷираҳои нави истеҳсолӣ, рушди саноати минтақавӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мусоидат намояд.

Дар солҳои охир муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон аз сатҳи ҳамсоягии одӣ ба шарикии стратегии иқтисодӣ расидаанд. Афзоиши гардиши мол аз 70 миллион доллар ба беш аз 1 миллиард доллар, фаъолияти садҳо корхонаҳои муштарак ва рушди сармоягузориҳо нишон медиҳанд, ки замина барои расидан ба ҳадафи 2 миллиард доллар вуҷуд дорад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# 1180 РӮЗ

## ТАЛОШИ ПЕШВОИ СУЛҲ ВА МЕЪМОРИ ВАҲДАТ

**«РӮЗИ 27-УМИ ИЮН ДАР ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ҶАШН ГИРИФТА МЕШАВАД. ИН НА ТАНҲО ЯК САНАИ ТАҚВИМӢ, БАЛКИ РАМЗИ НАҶОТИ МИЛЛАТ АЗ ВАРТАИ НОБУДӢ ВА ОҒОЗИ МАРҲАЛАИ НАВИ ДАВЛАТСОЗӢ АСТ. БАРОИ ДАРК КАРДАНИ БУЗУРГИИ ИН РӮЙДОД, БОЯД БА ДУ НУКТАИ МУҲИМ ТАВАҶҶУҲ КАРД: АВВАЛАН, БА ВАЗЪИЯТИ ФОҶИАБОРИ СОЛҲОИ 1992-1997, КИ ТОҶИКИСТОНРО БА ВАРТАИ ҲАЛОКАТ РАСОНИДА БУД; ДУВУМ, БА ТАЛОШҲОИ БЕАМОН ВА ИРОДАИ ҚАТЪИИ МАРДОНИ ТАЪРИХСОЗ, ПЕШ АЗ ҲАМА АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН, КИ ТАВОНИСТАНД АЗ ПАРОКАНДАГӢ ВА ХУНРЕЗӢ РОҲИ СУЛҲУ СОЗИШРО ПАЙДО КУНАНД.**

### ОҒОЗИ ҶАНГ…

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистони ҷавон дар гирдоби бӯҳрони амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қарор гирифт. Сохторҳои идоракунӣ фурӯ пошида, низоъҳои дохилӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал гардида буданд ва хатари пурраи аз байн рафтани давлатдорӣ ба таври воқеӣ вуҷуд дошт.

**Аксари муҳаққиқону таърихнигорон оғози расмии ҷанги шаҳрвандиро 5-уми майи соли 1992 ҳисобиданд, зеро маҳз дар ҳамин рӯз муқовимати сиёсӣ ба бархӯрди мусаллаҳона табдил ёфт ва ҳисоби қурбониён оғоз шуд. Ин ҷанги таҳмилӣ то 27-уми июни соли 1997, яъне ба муддати 5 солу 1 моҳу 22 рӯз ё 1880 шабонарӯз идома ёфт.**

Зарари ин ҷанг ба иқтисодиёти кишвар фоҷиавӣ буд. Зиёда аз даҳҳо ҳазор хонаҳои истиқоматӣ, садҳо бинову иншооти истеҳсолӣ, муассисаҳои тиббӣ ва маориф хароб гардиданд. Корхонаҳо аз кор монда, буҷети давлат холӣ, инфрасохтори нақлиёт ва энергетика дар ҳолати фалокатбор қарор дошт. Бекорӣ ва камбизоатӣ, хисороти моддӣ, зарари бузурги маънавӣ низ илова мешуд. Ҷанги бародаркушӣ ҷомеаи тоҷикро ба ду табақаи муқобили ҳам табдил дода, ҳазорҳо одамон маҷбур шуданд кишвари худро тарк кунанд. Дар чунин шароит, наҷоти давлат ва миллат танҳо тавассути иродаи қатъии сиёсӣ ва ҷустуҷӯи роҳи сулҳ имконпазир буд.

### НУҚТАИ ГАРДИШИ ТАҚДИРСОЗ

Дар шароите, ки ҳокимият фалаҷ шуда, кишвар ба канори парокандашавӣ расида буд, 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт. Ин иҷлосия дар таърихи тоҷикон ҳамчун иҷлосияи тақдирсоз дохил шуд. Агар Эъломияи истиқлол давлатро бо номи Тоҷикистон эълон карда бошад, ин иҷлосия ҳамин давлатро аз фаношавӣ нигоҳ дошт ва миллати тоҷикро аз гирдоби нобудӣ берун кашид.

**Дар кори иҷлосия аз 222 вакил 197 нафар ширкат доштанд ва дар он 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун ва 52 қарор қабул гардид.**

Муҳимтарин натиҷаи он интихоби Раиси Шурои Олӣ ва сарвари давлат буд. Рӯзи 19-уми ноябр бо овоздиҳӣ Эмомалӣ Раҳмон ба ин мақом интихоб шуд. Зимни суханронӣ вай чунин гуфт:

**«Ба хотири истиқрори сулҳи пойдор ман тайёр ҳастам, ки ҷонамро қурбон созам».**

Ин суханон сароғози роҳи душвору пурмашаққати сулҳ буд.

Дар ҳамин иҷлосия қонунҳои муҳим, ба монанди «Дар бораи гурезаҳо» ва «Дар бораи афви умумӣ» қабул шуданд, Нишон ва Парчами давлатии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд. Иҷлосия бо фармондеҳони сахроии тарафҳои муқобил вохӯрда, барои оғози музокироти сулҳ замина гузошт. Бо ибтикори Эмомалӣ Раҳмон 26-уми ноябри соли 1992 Рӯзи сулҳ ва ҳамраъйии халқҳои кишвар эълон гардид.

### РАВАНДИ ТӮЛОНИИ МУЗОКИРОТИ СУЛҲ

Пас аз Иҷлосияи XVI раванди дарёфти роҳи сиёсӣ барои ҳалли низоъ оғоз ёфт.



**Раванди музокироти байни тоҷикон иборат аз 9 давра буда, 3 солу 3 моҳу 3 рӯз, ё худ 1180 шабонарӯз давом кардааст. Музокирот дар шаҳрҳои гуногун - Маскав, Теҳрон, Машҳад, Исломобод, Алмаато, Ашқобод, Бишкек ва Кобул баргузор мешуданд.**

Ин раванд бо миёнаравии Созмони Милали Муттаҳид ва дастгирии кишварҳои минтақа, аз ҷумла Афғонистон, Русия, Эрон, Покистон, Қазоқистон ва Қирғизистон сурат мегирифт.

Дар ин муддат, ки ҷанги мусаллаҳона пурра хомӯш нашуда буд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳафт маротиба бо роҳбарияти нерӯҳои мухолифин вохӯрд, дар Кобул, Хустдеҳ (Афғонистон, 1995, 1996), Теҳрон (1995), Маскав (1996), Машҳад (1997) ва Бишкек (1997).

### ИМЗОИ СОЗИШНОМА

Самараи ин раванди душвор рӯзи 27-уми июни соли 1997 дар Маскав ба даст омад. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон бо имзои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари мухолифин С. А. Нурӣ ва Намояндаи махсуси Дабири кулли СММ Г. Д. Меррем қабул гардид. Бо ин санад ба ҷанги хунумонсӯзи шаҳрвандӣ нуқта гузошта шуд ва дар таърихи навини давлатдории тоҷикон давраи нав оғоз ёфт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ таъкид намуд:

**«…сулҳи тоҷикон таҷассуми олии майлу иродаи мардуми сулҳпарвари мо, яъне хизмати таърихии халқи қаҳрамони тоҷик мебошад».**

Ин суханон нишон медиҳанд, ки ваҳдати миллӣ на танҳо як рӯйдоди сиёсӣ, балки оғози марҳалаи нави эҳё ва созандагии миллат мебошад.

Пас аз имзои Созишномаи умумии сулҳ, барои иҷрои амалии он Комиссияи Оштии Миллӣ таъсис дода шуд. КОМ як органи муштараке буд, ки вазифадор шуд тамоми аснoди Созишномаи Умумии Сулҳро ба ҳаёт татбиқ намояд. Ин мақомот расман аз 7-уми июли соли 1997 дар Маскав оғоз ба кор кард ва то 1-уми апрели соли 2000-ум, ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар бораи қатъи фаъолияти он фармон содир намуд, фаъолият мекард.

(Давомаш дар саҳ. 11)

# РОҲИ ДУШВОРИ СУЛҲ

**ВАҲДАТИ МИЛЛӢ АЗ МУҲИМТАРИН ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪРИХИ НАВИНИ ТОҶИКИСТОН БА ШУМОР МЕРАВАД. АММО РОҲИ РАСИДАН БА ОН ОСОН НАБУД. СОЛҲОИ ТӮЛОНИИ МУЗОКИРОТ, МУЛОҚОТУ БАҲСҲО ВА ТАЛОШҲОИ ПАЙВАСТА НИҲОЯТ БА ИМЗОИ СОЗИШНОМАИ УМУМИИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ ОВАРДА РАСОНИДАНД. ДАР АРАФАИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ БО АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА - УЗВИ ҲАЙАТИ МУЗОКИРОТИ СУЛҲИ ТОҶИКОН ВА КОМИССИЯИ ОШТИИ МИЛЛӢ, КИ ЯКЕ АЗ ШОҲИДОН ВА ИШТИРОКДОРОНИ БЕВОСИТАИ ОН РӮЙДОДҲОИ САРНАВИШТСОЗ МЕБОШАД, АЗ ЛАҲЗАҲОИ ҲАСОСИ РОҲИ СУЛҲ, МУШКИЛОТИ МУЗОКИРОТ ВА САБАҚҲОИ МУҲИМИ ОН БАРОИ НАСЛИ ИМРӮЗ СУҲБАТ ОРОСТЕМ.**




**- Шумо яке аз нахустин нафароне будед, ки аз ҷониби мухолифин 7-уми декабри соли 1993 барои оғози Музокироти сулҳи байни тоҷикон иқдом намудед. Он замон дар муҳоҷират будед. Чӣ рӯзгор ва чӣ рӯҳия доштед? Чӣ боис гардид, ки барои оғози музокирот азм кардед?**

- Пас аз 1 солу 7 моҳи мубоnone ризаи шадиди мусаллаҳонаи тарафҳои даргири тоҷик аз 5-уми майи соли 1992 то моҳҳои октябр ва ноябри соли 1993 ва расонидани хисороти ҳангуфти ҷонию молӣ, бе хонаю бе ҷою макон гардидани садҳо ҳазор шаҳрвандон, хусусан пас аз зарбаи маргбори ҷанговарони Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсионии тоҷик (ИНОТ) ба дидбонгоҳи 12-уми нерӯҳои сарҳадии Русия дар марзи Тоҷикистон (13-уми июли 1993) ва то ба ағбаи Каранаки Тавилдара расидани онҳо кишварҳои хориҷии пуштибони тарафҳои даргир - Русия, Эрон ва Ӯзбекистон ба хулосае омаданд, ки идома ва дастгирии ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон чандон ба фоидаи онҳо нест, гап-гапи зарурати созмон додани музокирот дар байни тарафҳои даргири тоҷик ба вуҷуд омад. Он вақт буд, ки 28-уми июли соли 1993 фармони Президенти ФР Б. Н. Елтсин дар бораи муътадил гардонидани вазъ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон баромад ва пас аз се рӯз, 31-уми июли соли 1993 сардори вақти Хадамоти иктишофи хориҷии Русия Е. М. Примаков бо роҳбари ИНОТ Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва шахсиятҳои масъули Эрон тамос гирифт. Моҳи сентябри соли 1993 Президенти вақти Ӯзбекистон И. А. Каримов ба номи Дабири кулли СММ нома навишт ва хостори ҳалли низои дохилии Тоҷикистон шуд. Русия ташаббускори баргузории Муколамаи тоҷикон дар чорчӯби Конфронси Дартмут (октябри соли 1993) гардид. Муовини аввали вазири корҳои хориҷии ФР А. Адамишин бо мусоидати ҷониби Эрон дар Теҳрон 6-уми декабри соли 1993 бо ҳайати ИНОТ мулоқот кард. Ҳам намояндагони Русия ва ҳам масъулони Эрон ИНОТ-ро ба роҳандозии музокирот бо Ҳукумат даъват намуданд. Дар натиҷа 7-уми декабри соли 1993 ИНОТ эълом дошт, ки ба музокирот омода аст ва дар зери он санади бисёр муҳим имзои камина ҳам ба намояндагӣ аз Ҳизби демократи Тоҷикистон (ҲДТ) ҳаст.

Муҳоҷирати ман ҳукми тасодуф буд. Барои иштирок дар маҷлиси Муколамаи тоҷикон дар чорчӯби Конфронси Дортмут буд. Мехостам ҳамроҳ бо иштироккунандагони ҷамъомади мазкур роҳҳои ба сулҳу оштӣ расидан дар Тоҷикистонро пайдо бикунем.

**- Дар китобатон “Арзишҳои ваҳдати миллӣ” менависед: “Душвории душвори роҳи сулҳ ва оштии тоҷикон мушкили ба рӯйи ҳамдигар, ба чашми ҳамдигар нигоҳ кардан ва даст додан буд”. Ин душворӣ, ки шумо ба он ишора мекунед, ба назар сода, вале дар асл бисёр муҳим ва барои банда дар ҳадди бовар нокарданист... Ин душворӣ чӣ гуна пушти сар шуд?**

- Ман “душвории душвори роҳи сулҳ ва оштии тоҷикон” будани “мушкили ба рӯйи ҳамдигар, ба чашми ҳамдигар нигоҳ кардан ва даст додан”-ро дар рӯзи нахустини даври якуми Музокироти байни тоҷикон 5-уми апрели соли 1994 дар Маскав бо чашмони худ дидам. Ҳайати музокиракунандаи ИНОТ ба маҳали баргузории музокирот дар қасри Спиридоновкаи Вазорати корҳои хориҷии Русия дар маркази Маскав барвақттар омада буд ва дар наздикии даромадгоҳ интизорӣ мекашид. Вақте ки ҳайати Ҳукумати Тоҷикистон бо таъхир омад, бидуни саломуалейк рост ба сӯйи маҷлисгоҳ рафт ва чунин вонамуд кард, ки ҳайати ИНОТ-ро надидааст. Вақте ки профессор Иброҳим Усмон ҳам гузашта рафтанӣ шуд, зиндаёд Отахон Латифӣ, ки роҳбарии ҳайати музокиракунандаи ИНОТ-ро ба уҳда дошт, бо овози баланд гуфт, ки “ҳой Иброҳим, мову ту ҳамкасбем, якдигарро хуб мешиносем, чаро салом накарда мегузарӣ? Дигарон маро нодида гирифтанд, аммо ту барои чӣ бесалом рӯйятро гардондӣ ва салом надода гузашта рафтӣ? Ман ҳанӯз ҳам раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ҳастам ва ту узви раёсати он ҳастӣ, наход маро надида бошӣ?”. Пас аз ин профессор Иброҳим Усмон аз роҳаш баргашт ва бо Отахон Латифӣ ва аъзои дигари ИНОТ вохӯрдӣ кард.

Ин саҳна бесабаб набуд, зеро тарафҳои тоҷикӣ то он рӯз се солу 3 моҳ якдигарро дар рӯзномаву радиою телевизион ва пушти минбарҳо хуб носазо гуфтанд, росту дурӯғи зиёде гуфтанд, ҳақорату дашномҳо доданд, тухмат заданд, хоин ва душмани миллат хонданд ва дар муқобили ҳамдигар ярок бардоштанд ва хуни ҳамдигарро рехтанд. Бинобар ин, дар дилҳову дар сарҳои хеш нисбат ба якдигар ғайр аз нафрату хусумат ва душманӣ чизи дигаре надоштанд. Аммо бо гузашти андак муддате аз музокирот онҳо чунон бо ҳам унс гирифтанд ва наздик шуданд, ки рӯзномаи маъруфи русӣ “Независимая газета” он рӯзҳо навишта буд, ки “тоҷикон мардумони аҷибанд” (“таджики странный народ”), бо ҳам дар ҳолати ҷанг қарор доранд, аммо ҳангоми вохӯрӣ ҳамдигарро ба оғӯш мекашанд ва бӯсобӯс мекунанд”. Чунин рафтори барои бегонагон аҷиб дар асл барои тоҷикон табиӣ буд. Зеро онҳо бо ҳам ҷанг карданӣ набуданд, ин ҷанг барояшон ба истилоҳи Президенти муҳтарами Тоҷикистон Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон “ҷанги таҳмилӣ” буд. Тоҷикон маъмулан бо ҳам дар баъзе масъалаҳо даъво доштанд, баҳс мекарданд, аризаи шикоятӣ менавиштанд, ба мақомоти расмӣ арз мекарданд, вале ҳеҷ гоҳ ба сари ҳамдигар ярок набардошта буданд. Ин кори баъзе қудратҳои минтақаӣ ва ҷаҳонӣ буд, ки ба хотири баровардани манфиатҳои геополитикии худ ҷанги шаҳрвандиро ба сари тоҷикон таҳмил намуданд.

**- Дар ҷараёни музокирот кадом давра ё лаҳза аз ҳама ҳассос ва сарнавиштсоз буд, ки эҳтимоли ноком шудани раванди сулҳ вуҷуд дошт?**

- Бояд таъкид намоям, ки раванди Музокироти сулҳи байни тоҷикон чандон осон набуд, ноҳамвор буд. Ин мушкилиҳо аз даври якуми музокирот оғоз гардида буданд ва хатари ноком шудани раванди сулҳро бо худ ҳамроҳ доштанд. Тавре маълум аст, даври якум 5-уми апрели соли 1994 шуруъ шуд ва то 19-уми апрел давом кард. Дар тӯли ин 14 рӯз “ҷонибҳои муҳтарам” (таъбири Абдумаҷид Салимов)-и музокирот танҳо сари як масъала - ворид намудан ё нанамудани баррасии масъалаи сиёсӣ ба рӯзномаи музокирот баҳси дурудароз ва шадид бо ҳам карданд. Тарафи ИНОТ пешниҳод карда буд, ки ворид намудани баррасии масъалаи сиёсӣ ҳатмист. Аммо тарафи ҳукумат қотеъан зидди он буд. Ҳайати ҳукуматӣ масъалаи бозгардонидани гурезаҳоро асосӣ мешуморид. Ва пофишорӣ дошт, ки рӯзномаи даврҳои баъдии музокирот маҳз ҳамин масъала бояд шавад, на масъалаҳои дигар, хоса масъалаҳои сиёсӣ. Дар охирин рӯзҳои даври аввали музокирот 12-уми апрели соли 1994 ҳайати ҳукуматӣ баъди машварату маслиҳат бо роҳбарони Ҳукумати Тоҷикистон ва намояндаҳои кишвари асосии пуштибонашон Русия ва маслиҳату машварати Намояндаи вижаи СММ дар музокирот ҷаноби Рамиро Перис Баллон розигӣ дод ва бо ҳамин даври аввали музокирот асосан ба охир расид.

**- Кадом марҳилаи гуфтушуниди сулҳи тоҷиконро барои расидан ба созиши ниҳоӣ сарнавиштсоз медонед?**

- Гуфтушунидҳое, ки дар Хустдеҳи Афғонистон (10-11-уми декабри соли 1996), Бишкек (16-18-уми майи соли 1997) ва Машҳад (20-уми феврали соли 1997) дар қолаби вохӯриҳо дар сатҳи олӣ миёни Президенти муҳтарами Тоҷикистон Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари оппозитсиони тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ баргузор шуданд, бағоят муҳим буданд.

**- Шумо аз мухолифин яке аз нахустин нафароне ҳастед, ки ба Ватан баргаштед ва фаъолиятҳоятонро дар кишвар идома додед. Дар китоби “Арзишҳои Ваҳдати миллӣ” аз як лаҳзае ёдовар мешавед, ки ба ҷони шумо хатар таҳдид мекард ва профессор Иброҳим Усмон низ ба он дар як мақолаашон ишора мекунанд. Умуман, чанд маротиба хатари маргро эҳсос кардед ва чӣ шуморо ба оянда умедвор мекард?**

- Дар замони фаъолиятам ҳамчун узви Комиссияи муштараки оташбас борҳо бо вазъияти душвор рӯ ба рӯ будам. Соли 1996 буд. Мо - аъзои Комиссияи муштараки оташбас дар шаҳраки Ғарм будем. Вазъ, ба истилоҳ, дар он ҷо муташанниҷ буд. Нерӯҳои оппозитсион ба маркази шаҳраки Ғарм даромада буданд, аз ҷумла бинои Кумитаи амнияти ноҳияро гирифта буданд. Нерӯҳои ҳукуматӣ, горди президентӣ аз сӯйи Душанбе ба сӯйи Ғарм ҳаракат дошт ва ба наздикиҳои маркази ноҳияи Дарбанд расида буд. Ман ва намояндаи идораи амнияти Ҳукумат раҳматӣ Юрий Иванович Федюшкин субҳи барвақт барои пешгирии ҳаракати нерӯҳои ҳукуматӣ ба Нуробод рафтем ва аз онҳо хоҳиш кардем, ки дигар ба сӯйи Ғарм ҳаракат накунанд. Дар бозгашт мошини моро дар пости Лаби Ҷар боздоштанд ва сари роҳамонро гирифтанд. Юрий Иванович пиёда шуд ва хост бифаҳмад, ки чӣ шуда, чӣ рух додааст. Маълум шуд, ки ҳамон саҳар дар Тоҷикобод падари қумондони пости Лаби Ҷар кушта шудааст ва хабари марги вай дар ҳамон лаҳзаҳо расидааст. Раҳматӣ 63 сол доштааст ва лақабаш «Дед беспредел» будааст. Писараш дар ҳамин вазъият ва ҳолат баробари донистани он ки дар дохили мошини Созмони Милали Муттаҳид намояндаи оппозитсия нишастааст, ба сӯйи мошин ҳамла овард ва хост, ки дарро боз кунад ва маро аз он ҷо берун оварад.

**(Давомаш дар саҳ. 11)**

**ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚ ДАР РУСИЯ**

*Чеҳраҳое, ки миёни ду кишвар пул месозанд*

# АЛИМАМАД БАЙМАМАДОВ - СОҲИБКОР ВА ЯКЕ АЗ ЧЕҲРАҲОИ ФАЪОЛИ ҶОМЕАИ ТОҶИКОНИ РУСИЯ

**ДАР МИЁНИ ШАХСИЯТҲОИ ТОҶИКТАБОРЕ, КИ ТАЙИ СОЛҲОИ ОХИР ДАР ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТӢ ВА ИҚТИСОДИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ НАҚШИ НАЗАРРАС БОЗИДААНД, НОМИ АЛИМАМАД БАЙМАМАДОВ ҶОЙГОҲИ МАХСУС ДОРАД. Ӯ НА ТАНҲО ҲАМЧУН СОҲИБКОРИ МУВАФФАҚ, БАЛКИ ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ФАЪОЛОНИ МАЪРУФИ ҶОМЕАИ ТОҶИКОНИ МУҚИМИ РУСИЯ ШИНОХТА МЕШАВАД.**





Алимамад Баймамадов солҳои зиёд дар соҳаи соҳибкорӣ фаъолият намуда, фаъолияти худро асосан ба бахши савдо ва таъмини масолеҳи сохтмонӣ равона кардааст. Ба ӯ ва шариконаш як қатор ширкатҳое мансуб дониста мешаванд, ки дар минтақаҳои гуногуни Русия фаъолият доранд. Корхонаҳои вобаста ба ӯ дар шаҳрҳои Қазон, Волгоград, Чебоксари, Нижний Новгород ва вилояти Ростов ба фурӯш ва таъмини масолеҳи сохтмонӣ машғул буда, дар бозорҳои маҳаллӣ мавқеи муайян пайдо кардаанд.

Маҳз фаъолияти муваффақи соҳибкорӣ ба Баймамадов имкон дод, ки дар миёни намояндагони диаспораи тоҷикон обрӯ ва нуфуз пайдо намояд. Дар баробари фаъолияти иқтисодӣ, ӯ солҳои зиёд ба корҳои ҷамъиятӣ низ машғул буда, яке аз чеҳраҳои шинохтаи ҷомеаи тоҷикони Русия ба ҳисоб меравад.

Номи ӯ пеш аз ҳама бо ташкилоти ҷамъиятии тоҷикони Русия - «Нур» пайвандӣ дорад. Ин созмон яке аз қадимтарин ва маъруфтарин ташкилотҳои ҷамъиятии тоҷикон дар Федератсияи Русия мебошад, ки ҳадафи он ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, дастгирии ҳамватанон, мусоидат ба ҳамгироии муҳоҷирон ва таҳкими муносибатҳои дӯстонаи байни халқҳои Тоҷикистону Русия мебошад.

Баймамадов дар солҳои гуногун роҳбарии ин созмонро бар ӯҳда дошта, дар ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ, маърифатӣ ва иҷтимоӣ иштироки фаъол нишон додааст. Бо ташаббуси ташкилот ҷашнҳои миллӣ, маҳфилҳои фарҳангӣ, конфронсҳо ва вохӯриҳои зиёди намояндагони ҷомеаи тоҷикон баргузор гардидаанд.

Солҳои охир фаъолияти «Нур» густариш ёфта, ба масъалаҳои маориф ва тарбияи ҷавонон низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад. Дар назди созмон барномаҳои омӯзишӣ ва фарҳангӣ роҳандозӣ шудаанд, ки ба омӯзиши забон, таърих, фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ равона гардидаанд. Ин ташаббусҳо ба нигоҳдории хувияти миллӣ дар миёни насли ҷавони тоҷикони муқими Русия мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, ташкилот дар рушди ҳамкориҳои гуманитарӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Русия низ саҳм мегузорад. Намояндагони он дар форумҳо, ҳамоишҳо ва чорабиниҳои байналмилалӣ иштирок намуда, барои таҳкими муносибатҳои байни ҷомеаҳои шаҳрвандии ду кишвар саҳм мегузоранд.

Коршиносон бар онанд, ки нуфузи Алимамад Баймамадов танҳо аз имкониятҳои иқтисодии ӯ сарчашма намегирад. Солҳои тӯлонии фаъолият дар муҳити соҳибкорӣ, робитаҳои васеъ дар доираҳои ҷамъиятӣ ва нақши фаъол дар ҳаёти диаспораи тоҷикон ба ӯ мақоми яке аз чеҳраҳои таъсиргузори ҷомеаи тоҷикони Русияро додааст.

Имрӯз Алимамад Баймамадов аз ҷумлаи шахсиятҳое маҳсуб мешавад, ки фаъолияти соҳибкориро бо кори ҷамъиятӣ пайваста, барои муттаҳид сохтани ҳамватанон, ҳифзи фарҳанги миллӣ ва рушди робитаҳои Тоҷикистону Русия саҳми худро мегузорад. Маҳз ҳамин омилҳо сабаб гардидаанд, ки номи ӯ дар қатори тоҷикони таъсиргузори Федератсияи Русия зикр шавад.

**(Идома дорад)**



**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# РОҲИ ДУШВОРИ СУЛҲ

(Аввалаш дар саҳ. 9)

Юрий Иванович бо истифода аз нуфузи хеш, ниҳоде, ки аз он намояндагӣ мекард ва ҳам нерӯи ҷисмониаш бо ду дастони пурқувваташ қумондони падармурдаро аз назди мошин дур кард ва намояндаи оппозитсияро аз марг наҷот дод.

Бори дигар, вақте ки созишнома байни қумондонҳои ҳукуматӣ ва қумондонҳои гурӯҳи Ғарми ИНОТ дар шаҳраки Ғарм ба имзо расид, моро намояндагони ИНОТ, аз ҷумла Мирзоҳӯҷа Низомов, Ҷалолиддин Маҳмудов ва бандаро ба Толиқон даъват намуданд. Мо рафтем, вале бехабар аз он ки масъули амниятии ҲНИТ *(ташкилоти террористии фаъолияташ мамнуъ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон,- идора)* Мулло Абдулло нақшаи ҳабс ва қатли моро доштааст ва ғайра.

Рафти воқеаҳо чунин сурат гирифтанд, ки вақте эҳтимоли баргузории Музокироти сулҳи байни тоҷикон ба вуҷуд омад, раиси ҲДТ Шодмон Юсуф ва ҷонишини якуми он профессор Раҳими Мусулмониён аз иштирок дар музокирот худдорӣ намуданд. То он вақт ман дар Маркази координатсионии нерӯҳои оппозитсиони тоҷик дар Маскав аз ҲДТ намояндагӣ мекардам. Ба ҳамин монанд, вақте ки масъалаи рафтани намояндаи ИНОТ ба Душанбе ҳамчун узви Комиссияи муштараки назорат бар "Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар" ба миён омад, касе майл нанамуд, ки узви ин Комиссия шавад. Зеро ваз дар Тоҷикистон, хоса дар Душанбе ва гирду атрофи он, ба қавли маъруф, муташанниҷ буд. Ҳамагӣ чанд муддат пеш аз омадани ман ба Душанбе рӯзона пеши чашми ҳама кас дар назди бозори "Шоҳмансур" як узви комиссияи мазкур аз ҷониби оппозитсияро рабуда буданд ва ӯ беному нишон буд. Ба ҳамин муносибат баъзе аз дӯстони наздикам маро "пешмарга" мегуфтанд ва маломат мекарданд, ки чаро худро дидаву дониста қурбон карданӣ ҳастам. Солҳо баъд бароям маълум шуд, ки чаро роҳбарони аввали ҲДТ ва аъзои ИНОТ худдорӣ мекарданд. Онҳо ба натиҷаи мусбати музокирот ва раванди сулҳ эътимод надоштанд.

**- Вақте 27-уми июни соли 1997 Созишномаи сулҳ ба имзо расид, аввалин эҳсос ва андешаи шумо чӣ буд?**

- Шукр кардам, ки ба ҳамин рӯзи мурод расидем ва замина барои кору фаъолияти аслиам муҳайё гардид.

**- Дар бораи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон китобу мақолаҳои зиёд навишта шудаанд. Пешвои миллат дар ин маврид гуфтаанд: "Бисёриҳо китоб менависанд, аммо дурӯғ менависанд"… Шумо сатҳи омӯзиши таҷрибаи сулҳи тоҷиконро чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Хонандаи одӣ, ҷавонони имрӯза ин ҳама китобу мақоларо мехонанд, ҳақро аз ботил чӣ гуна фарқ гузоранд?**

- Сад дар сад ҳақ ба ҷониби Президенти мухтарами Тоҷикистон Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Он кас дар суханроние дар ҷамъбасти Конфронси байналмилалӣ рӯзи 25-уми июни соли 2007 гуфта буданд: "Бисёриҳо китоб менависанд, аммо дурӯғ менависанд. Аз худ қаҳрамон месарошанд. Навиштаҳои холисона даркор аст. Бояд онҳое, ки бевосита шоҳиданд, нависанд". Эътироф бояд кард, корҳое, ки дар ин замина то ба имрӯз ба анҷом расидаанд, ба танҳо нокифоя мебошанд, балки воқеияти раванди мазкурро, ки басо мураккаб ва пурпечутоб аст, ҷунонки бояд ба пуррагӣ ва дурустӣ, инъикос намекунанд. Барои он ки ҷавонони имрӯза аз ваъзи воқеии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва раванди сулҳу оштӣ бохабар бошанд, тақиқи ин масъалаҳои бисёр муҳим бояд дар маркази алоҳида ва бо иштироки донишмандони огоҳ ва ҷалби иштирокдорону шоҳидони бевоситаи воқеаҳои он солҳо аз рӯйи барномаи санҷидашуда ва пухта амалӣ гардад. Ин кор бидуни гирдоварии санадҳои марбут ба музокирот ва ҷанги шаҳрвандӣ номумкин аст.

**- Дар мақолаи профессор Иброҳим Усмон, ки зикраш дар боло рафт, гуфта мешавад, ки шумо аз ангуштшумортарин иштирокчиёни сулҳи тоҷикон ҳастед, ки асноди музокиротро дар даст доред ва хотироти худро дар замонаш сабт кардаед. Оё навиштани як рисолаи комил ё китоби хотира аз ин равандро дар нақша надоред?**

- Бале, профессор Иброҳим Усмон дуруст мегӯянд. Санадҳои музокирот ва пешнависҳои онҳо дар дасти ман, худи иштирокдорони музокирот ва шоҳидони он рӯзҳо ҳаст. Онҳоро бояд дар як ҷо гирд овард ва ҳифз кард. Навиштани рисолаву китобҳои илмӣ ва хотираҳо кори савоб ва зарурӣ мебошад. Ин корро ҳатман кардан даркор аст. Аммо ман дар навбати аввал як силсила корҳоеро бояд анҷом диҳам, ки ба риштаи тахассусии худам, адабиёт, нақд ва адабиётшиносӣ дахл доранд.

**- Насли ҷавони Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро надидааст. Ба андешаи шумо, чӣ гуна метавон арзиши сулҳ ва ваҳдати миллиро ба онҳо дуруст фаҳмонд?**

- Бо таълифи китобу рисолаҳо, ҷорӣ намудани омӯзиши дарси таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар мактабу донишкадаву донишгоҳҳо. Солҳо пеш бо пешниҳоди камина дарси "Таҷрибаи сулҳи тоҷикон" ба барномаи таълимии факултаи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷорӣ шуда буд.

Аммо бо таассуф бояд эътироф намуд, ки бо ин ҳама ҳанӯз ҳам ҷомеаи тоҷик бо сипарӣ шудани 29 сол аз натиҷаҳои раванди сулҳ ва сабақҳои он ба андозаи лозима маълумоти саҳеҳ ва дуруст надорад. Ба замми ин, дар ин фосилаи замонӣ насле ба воя расид, ки аз асли воқеаҳои солҳои наваду асри гузашта ва раванди сулҳу оштии миллӣ бехабар аст.

Бисёриҳо бехабар аз онанд, ки дар асл ин мунохишаву низоъ миёни минтақаҳо ва нерӯҳои сиёсӣ ва мардумии Тоҷикистон, агар дуруст ва мунсифона мулоҳиза шавад, тарҳрезишуда ва таҳмилӣ аз хориҷ буд.

Ҳамватанони мо бехабар аз онанд, ки кишварҳои манфиатҳои минтақа ва дуру наздик он солҳо бо сӯйистифода аз ноаҳлӣ ва ноиттифоқии мо дар ҳалли масъалаҳоямон ба корҳои дохилии кишварамон ба таври ошкоро ва бе ҳеҷ истиҳола дахолат менамуданд ва бо дасти худиҳоямон теша ба решаи ваҳдати миллат ва давлату давлатдории миллиамон мезаданд. Ин «дӯстони нонии» мо ҳанӯз ҳам аз ниятҳои шуми худ даст накашидаанд ва дар паси дару деворҳои мо гӯш ба қимор истодаанд ва тайёранд, ки бо истифода аз хурдтарин ҳамдигарнофаҳмиҳои мо ба майлу муроди худ истифода намоянд.

**- Агар таърихи Музокироти сулҳи тоҷиконро дар як ҷумла хулоса кунед, муҳимтарин дарсе, ки Тоҷикистон аз он гирифт, чӣ аст?**

- Ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, тамомияти арзӣ, таъмини мафиатҳо ва амнияти миллӣ вобаста ба он аст, ки мо муттаҳид бошем ва миллати комил шавем. Соли 2012 дар Рӯзи Ваҳдат Президенти мухтарами кишвар ба зарурати таҳияи чунин Барномаи умумимиллӣ таъкид карда буданд.

**- Чӣ паёме дар арафаи Рӯзи Ваҳдати миллӣ ба мардуми кишвар доред?**

- Ваҳдатро ҳифз кунед ва миллати комил шавед!

**Мусоҳиб: Одил НОЗИР**



*Абдунабӣ Сатторзода, профессор*

# 1180 РӮЗ

(Аввалаш дар саҳ. 8)

Ҳамин тариқ, КОМ барои ба ҳаёт татбиқ намудани нуктаву талаботи Созишномаи умумии истиқрори сулҳу оштии миллӣ дар Тоҷикистон 2 солу 8 моҳу 25 рӯз ё ба ибораи дигар, 999 шабонарӯз фаъолият дошт.

### НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Таҳлили ин раванди тӯлонии 1180 рӯз ва 7 вохӯрии сатҳи олӣ нишон медиҳад, ки нақши шахсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми марҳилаҳо - аз Иҷлосияи XVI то имзои Созишнома ва то қатъи фаъолияти КОМ беназир ва ҳалкунанда буд. Ӯ на танҳо ба боздоштани хунрезӣ ва барқарор кардани сулҳ талош намуд, балки ба эҳёи сохторҳои идоракунӣ, қабули Конститутсияи нави соли 1994 ва бунёди асосҳои давлатдории навин асос гузошт.

Дар солҳои пас аз ҷангӣ, бо талошҳои ӯ садҳо ҳазор гурезагон ба Ватан баргардонида шуданд, хонаҳои харобгардида барқарор гардиданд ва фаъолияти мактабҳо, беморхонаҳо, инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ оҳиста-оҳиста эҳё ёфт. Сарвари давлат дар яке аз суханрониҳои худ чунин гуфта буданд: «Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азиятқашидаам бовар дорам...».

Рӯзи Ваҳдати миллӣ - 27-уми июн дар Тоҷикистон на танҳо ҷашни расмӣ, балки дарси бузурги таърихӣ ва ёдоварии сарнавиштсози давлатдорӣ мебошад. Бозгашт ба давраи 1991-1997, ба Иҷлосияи XVI-и тақдирсоз, ба 9 даври музокирот ва 7 вохӯрии сатҳи олӣ, ба 1180 рӯзи талош ва иродаи қатъии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки ваҳдат чӣ гуна неъмати бузургест. Агар сулҳ барқарор намешуд, Тоҷикистон ҳамчун давлат аз харитаи ҷаҳон маҳв мешуд. Имрӯз Ваҳдат ҳамчун пойдевори субот, амният ва рушд, кафили ояндаи Тоҷикистон буда, ҳифзи он вазифаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси ин сарзамин мебошад.

**Субҳиддини СУЛТОН, журналист**

# 10 САБАБИ ФАРБЕҲӢ

**Фарбеҳӣ дар ҷаҳони муосир ба як масъалаи ҷиддӣ табдил ёфтааст. Пӯшида нест, ки фарбеҳӣ натанҳо ба симои зоҳирии инсон таъсири манфӣ мерасонад, балки ба саломатӣ низ зиён дошта, боиси пайдоиши як қатор бемориҳо мегардад. 10 сабаби гирифторӣ ба фарбеҳиро пешкаши шумо мегардонем.**



## 1. СУСТШАВИИ ҶАРАЁНИ МУБОДИЛАИ МОДДАҲО

Бисёриҳо гумон мекунанд, ки фарбеҳӣ аз пурхӯрӣ аст, вале дар асл одамон на ҳамеша бо сабаби бисёр хӯрок хӯрдан бо мушкилоти вазни зиёдатӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Омилҳои афзоиши вазни бадан зиёданд ва яке аз онҳо сустшавии мубодилаи моддаҳо дар организм мебошад. Бо мурури замон ва боло рафтани синну сол ҷараёни мубодилаи моддаҳо дар ҷисми инсон суст шуда, сатҳи тестостерон ва як қатор ҳормонҳои дигар, аз ҷумла эстроген паст мешавад. Ин ба қобилияти ҷисм дар сӯзондани калорияҳо таъсири манфӣ расонида, боиси ҷамъ шудани равған - чарбҳо дар шикам, камар, сӯрин ва сина мегардад.

## 2. МУВОЗИНАТИ ҲОРМОНӢ

Вайроншавии мувозинати ҳормонӣ сабаби дигари афзоиши вазни бадан мебошад. Аз ҷумла баланд шудани сатҳи инсулин метавонад ба ҷамъшавии равған дар ҷисм ва пайдоиши мушкилоти фарбеҳӣ оварда расонад.

## 3. ҲОМИЛАГӢ

Дар занҳо афзоиши вазн инчунин метавонад бо ҳомилагӣ ё давраи баъди таваллуд алоқаманд бошад. Бояд гуфт, ки дар ин давра дар организми зан тағйироти гормоналӣ ба амал омада, ба иштиҳо ва мубодилаи моддаҳо таъсир мерасонад. Аммо афзоиши вазни зан дар давраи ҳомилагӣ як раванди муқаррарии физиологӣ буда, маъмулан пас аз таваллуд бо мурури замон вазн ба ҳолати муқаррарӣ бармегардад.

## 4. ИСТЕЪМОЛИ ҒИЗОИ НОСОЛИМ

Албатта, сар задани мушкилоти фарбеҳӣ бо ғизое, ки инсон ҳамарӯза истеъмол мекунад, алоқамандии зич дорад. Хӯрданиҳои дорои қанди зиёд ва равғанноикиашон баланд, аз ҷумла торту шириниҳо, обҳои газнок, фасфуд ва гӯшти бирён сатҳи инсулинро зиёд намуда, боиси афзоиши иштиҳо мегарданд ва дар натиҷа вазни бадан зиёд шудан мегирад. Хоҳед, ки хушқаду қомат ва зебо монед, аз ҷунин хӯрданиҳо парҳез кунед ё ба миқдори кам истеъмол намоед.

## 5. СТРЕСС

Сабаби дигари фарбеҳӣ стресс ва мушкилоти равонӣ мебошад. Гап дар он аст, ки ҳангоми стресс, депрессия ё хастагии равонӣ аксари одамон худашон инро нафаҳмида, аз меъёр зиёд хӯрок мехӯранд ва мехоханд бо истеъмоли шириниҳо ва хӯрокҳои бомаззаи сергӯшту равғанӣ худро ором созанд. Дар натиҷа ба стресс ва хастагии равонӣ мушкили фарбеҳӣ зам мешавад. Ногуфта намонад, ки бар асари фишори доимӣ бадан гормони кортизолро аз меъёр зиёд истеҳсол намуда, мубодилаи моддаҳо вайрон мешавад ва ҳамаи ин боиси ҷамъ шудани равған дар шикам мегардад.

## 6. ИРСИЯТ

Омилҳои генетикӣ низ метавонанд дар афзоиши вазни бадан нақши муҳим бозанд ва ба раванди мубодилаи моддаҳо таъсир расонанд. Дар баъзе одамон махз генҳо муайян мекунанд, ки ҷӣ тавр бадан маводи ғизоиро ҷаббида мегирад ва калорияҳоро месӯзонад. Агар аҳли авлод, махсусан падару модар ва бобою бибӣ фарбеҳ бошанд, дар наслҳои оянда хатари сар задани мушкилоти фарбеҳӣ вуҷуд дорад, вале омили генетикӣ идорашаванда буда, шахс метавонад бо тарзи ҳаёти солим ва ғизои дуруст вазни худро назорат намояд.

## 7. ТАҒЙИРОТИ СИННУСОЛӢ

Фарбеҳӣ бо тағйироти синнусолӣ низ алоқаманд буда метавонад, зеро бо гузашти умр мубодилаи моддаҳо дар ҷисми инсон суст мешавад ва бадан камтар энергияро сарф мекунад. Ин як раванди табиӣ мебошад, аммо боиси афзоиши вазн гашта метавонад. Қобили зикр аст, ки хатари дучор гаштан бо мушкилоти фарбеҳӣ дар занҳои синну солашон аз 40-сола боло бо сабаби тағйироти гормоналӣ, аз ҷумла паст шудани сатҳи эстроген, пас аз менопауза зиёдтар аст.

## 8. ТАЪСИРИ ДОРУВОРӢ

Баъзе доруҳо низ метавонанд боиси афзоиши вазни бадан гарданд, махсусан табобати гормоналӣ, истифодаи антидепрессантҳо, доруҳои диабети қанд ва баъзе намудҳои контрасептивҳо ба ин қатор дохил мешаванд. Агар пас аз истифодаи ягон дору вазни баданатон якбора зиёд шавад, ҳатман бо табиби худ маслиҳат намуда, он доруро иваз намоед ва ба ҷояш аз доруи дигар истифода баред.

## 9. БЕХОБӢ

Инсон дар як шабонарӯз бояд на камтар аз 8 соат хоб равад. Бехобӣ ё аз меъёр камтар хобидан мувозинати гормонҳои танзимкунандаи иштиҳо: лептин ва грелинро вайрон мекунад. Лептин барои эҳсоси серӣ масъул аст, дар ҳоле ки грелин гуруснагиро танзим мекунад. Вақте ки шахс ба қадри зарурӣ намехобад, сатҳи лептин кам шуда, сатҳи грелин зиёд мешавад. Дар натиҷа иштиҳо кушода шуда, вазни бадан торафт меафзояд.

## 10. КАМҲАРАКАТӢ

Сабаби дигари фарбеҳӣ камҳаракатӣ аст. Дар замони муосир аксари одамон рӯзи дароз дар офис нишаста кор мекунанд. Дар натиҷа бадан энергияи аз ғизо гирифташударо ба пуррагӣ сарф намекунад ва ин метавонад ба фарбеҳӣ бурда расонад. Бинобар ин, ҳатман бо машқҳои ҷисмонӣ машғул шудан лозим аст. Барои ба толори варзишӣ рафтан вақт надошта бошед, ақаллан дар хона машқҳои пагоҳирӯзиро иҷро кунед ва бештар пиёда роҳ гардед. Сайругашт дар ҳавои тоза барои саломатӣ муфид буда, фарбеҳиро пешгирӣ менамояд ва шумо ҷавону зебову бардам мемонед.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ин ҳафта саломатии худро дар мадди аввал гузоред. Агар худро нотоб ҳис кунед, ба худсарона дору истеъмол кардан шитоб накунед ва ба мутахассис муроҷиат намоед. Кайфияти хуб ба нерӯ ва фаъолияти шумо таъсири мусбат мерасонад.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ҳафта барои пешрафти корӣ ва нишон додани қобилиятҳои шумо бисёр мусоид аст. Агар корҳои душворро ба уҳда гиред, натиҷааш метавонад ба болоравии мақом ё қадршиносии роҳбарият оварда расонад. Дар масъалаҳои молиявӣ эҳтиёткор бошед.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Корҳо дар самти касбӣ хуб пеш мераванд ва шумо метавонед аз ҳамкорон ё роҳбарият хабарҳои хуш гиред. Барои бастани шартномаҳо ва оғози лоиҳаҳои нав фурсати муносиб фаро мерасад. Ғояву пешниҳодҳои шумо таваҷҷуҳи атрофиёнро ҷалб хоҳанд кард.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Аз мушкилот гурехтан онҳоро ҳал намекунад. Ин ҳафта ситораҳо тавсия медиҳанд, ки масъалаҳоро сари вақт ва бо ҷиддият баррасӣ кунед. Эҳсосотро зери назорат нигоҳ доред, зеро суханони аз рӯйи хашм гуфташуда метавонанд наздиконро ранҷонанд.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Рӯзҳои наздик барои оғоз кардани корҳои нав, амалӣ намудани нақшаҳо ва харидҳои муҳим хеле мувофиқанд. Наздикон ба меҳру таваҷҷуҳи шумо ниёз доранд, аз ин рӯ, кӯшиш кунед онҳоро бо сухан ё амали нек хушҳол созед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Гарчанде ин рӯзҳо фикру хаёлатон бештар ба муҳаббат ва эҳсосот банд аст, вазифаҳои кориро фаромӯш накунед. Агар худро каме хаста ё нотоб ҳис кунед, ба худ вақти истироҳат диҳед ва корҳои вазнинро ба рӯзи дигар гузоред.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Ин ҳафта суханҳои тунду шитобкорона метавонанд ба муносибатҳои шумо таъсири манфӣ расонанд. Пеш аз изҳори назар хуб андеша кунед. Дар муҳити корӣ аз баҳсу муноқишаҳо канорагирӣ намоед. Ба саломатии худ диққат дода, бештар истироҳат кунед.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Аввали ҳафта метавонад шуморо назди интихоби муҳим дар ҳаёти шахсӣ қарор диҳад. Дар муносибат бо наздикон меҳрубон бошед ва агар касе аз шумо кумак пурсад, дастгирӣ намоед. Барои расидан ба ҳадафҳо ҷасорат ва устуворӣ нишон диҳед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Ин ҳафта яке аз наздикон ба дастгирии шумо эҳтиёҷ пайдо мекунад. Гарчанде баъзе масъалаҳо барои шумо нав бошанд ҳам, кумаки шумо бисёр муҳим хоҳад буд. Рӯзи ҷумъа эҳсосотро идора кунед, асабоният метавонад сабаби баҳсу нофаҳмиҳо гардад.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Аввали ҳафта метавонад бо баъзе мушкилиҳои хурд ва ҳолатҳои ғайриҷашмдошт оғоз шавад, вале сабру тоқати шумо барои паси сар кардани онҳо кофӣ аст. Дар муҳити оилавӣ ва муносибатҳои ошиқона аз баҳсҳои беҳуда худдорӣ кунед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Вақти он расидааст, ки баъзе масъалаҳои норавшани муносибатҳоро ҳал намоед. Суҳбати самимӣ метавонад бисёр нофаҳмиҳоро аз байн бубарад. Дар масъалаҳои молиявӣ сарфакор бошед ва барои оянда маблағ захира кунед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Вазъи молиявии шумо устувор боқӣ мемонад ва тадриҷан беҳтар хоҳад шуд. Дар кор фаъолият хуб пеш рафта, натиҷаҳои меҳнататон шуморо қаноатманд мегардонанд. Ин ҳафта барои барқарор кардани муносибатҳои корӣ ва шахсӣ хеле мусоид аст.

# БАРНОИ МАОРИФ

## Соли 1968 аз Ворух то Душанбе омадани духтар осон набуд!

**Баъди соате ҳузур доштан дар суҳбати нарм, аммо пурмаъноi омӯзгори ростин Барно Ашурова бори дигар барои худ собит намудам, ки воқеан ҳам, шахсиятҳои гирдубари хешро дуруст намешиносем. Ҳамеша ба зоҳири онҳо, ба такаллуми боадабона, табассуми самимӣ ва оромиши чеҳраи азизони атроф таваҷҷуҳ мекунем. Намедонем, ки ин кас то ба ин мақому мартаба ба кадом роҳ расида, чӣ ранҷҳо кашида ва ҷодаи тайкардаи ӯ чӣ қиссаву саргузаштҳо дошта.**



Роҳи пуршебуфароз, аммо омӯзандаи номзади илмҳои педагогӣ, устоди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Барнобону ҳам айнан ҳамин гуна будааст. Мо ҳам бо шӯру шаафи ҷавонӣ вақте донишҷӯи ин донишгоҳ будем, гумон намекардем, ки ин зани резапайкари ором, аммо дар лаб табассум садҳо монеаҳоро гузашта, ба қуллаи мурод расидааст.

Ӯ ба мо, ки омӯзгорони оянда будем, аз тарзу усулҳои муосири таълим дарс мегуфт. Аз сабақҳои эшон дарк кардем: як дарс баробар ба як китоби беҳтарин аст, ки хонанда ба поён расонида...

Вақте Барнои 7-сола ба остонаи мактаб қадам ниҳод, дар синфхонаи кӯчаку назарногири рустои Ворухи Исфара ӯро падараш пешвоз гирифт. Дар аввал ситораи бахташ рӯшан менамуд, чунки падар нахустин устод буд. Ӯ Эргашбой Ашӯров, шогирди устод Садриддин Айнӣ, хатмкардаи Донишкадаи омӯзгории Самарқанд, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ буд.

Бо шодмонии кӯдакӣ чунин ёд меоварад: “Вақте ҳанӯз тифл будам, падарам маро болои сандалӣ рост монда, қироати ғазалҳои азёдкардаамро мепурсиданд. Аз ҷумла, ҳеҷ аз хотирам намеравад, ғазали машҳури шоири номвари адабиёти классикӣ Зебунисоро мехондам:

*Гарчи ман Лайлиасосам,*
*дил чу Маҷнун дар ҳавост,*
*Сар ба саҳро мезанам,*
*лекин ҳаё занҷири пост.*

Қиблагоҳамон бо хурсандӣ каф мезаданд. Хулоса, ҳар гоҳ, ки кӯдакӣ гуфтам, симои нуронии падарам пеши назарам меояд”.

Ин ҳарфҳоро вақте Барно Ашурова мегуфт, каме сукут варзид. Эҳсос мекардам, ки зери коса нимкоса ҳаст. Шодмонии ӯ якбора ба як ҳузн табдил меёфт...

Дертар дар давоми суҳбат маълум гардид, ки ӯро баъди хатми мактаби миёна ба таҳсили донишгоҳ иҷозат надодаанд. Соли 1948 Барно ночор барои омӯхтани дӯзандагӣ ба шаҳри Конибодом рафт. Ду сол он ҷо ҳам омӯхт ва ҳам кор мекард. Дар ин ҷои гап боз якбора чашмонашро барқи фараҳ фаро гирифт: “Агар ҳамин дӯзандагӣ намебуд, риштаи сарнавишти ман шояд бо таҳсил дар шаҳри Душанбе намепайваст. Гӯё бо риштаҳо роҳи ояндаам бофта мешуд...”.

Имтиҳонҳоро дар имрӯза ДМТ пинҳонӣ супурд, шавқи таҳсил меафзуд, аммо розигии падару модар зери савол буд. Падар омада, Барнобонуро аз омӯзишгоҳ бурданӣ шуд, аммо бо ёрии одамони хайрхоҳе мисли Ёдгор Каримова, Гулчаҳон Бобосодиқова ба Душанбе омад. Сарнавишт ӯро ба ин шаҳр барои ҳамеша оварда будааст. Бо он ки падару модар барои талошаш баҳри таҳсил аз ӯ каме озурда буданд, аммо он ҳама гузаштанд. Падару модар бо ҳамон сиришти илоҳӣ шоҳдухтари хешро бахшиданд ва камолу ҷамол, диплому эҳтиром ва унвони номзади илми педагогӣ бо Барнои азиз монд.

Ҳамин ҷо, дар шаҳри Душанбе бахту саодат ёфт, бо як ҷавонмарди хистеварзӣ хонадор шуду бо моҳонаи омӯзгорӣ, дӯзандагӣ қариб ҳама хоҳарону додари хешро оиладор кард, зеро баъди марги ҷонсӯзи модари қаҳрамон саробонии ҳама фарзандон бар дӯши наҳифи ӯ монд...

Дар маориф солҳо ранҷ бурд, ранҷаш ганҷ шуд, унвони илмӣ дарёфт ва инак, устоди арҷманди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аст. Барно Ашурова, як гулдухтари ворухӣ имрӯзҳо на танҳо ифтихори донишгоҳ, балки бонуи соҳибэҳтироми шаҳри Душанбе аст. Қариб дар ҳама муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии кишвар шогирднаш кору фаъолият доранд...

Ана маҳз дар чунин фазои нарму самимӣ чашмони қаҳрамони мо нур мегирад, дар ҷонаш оташи қаноату шодмонӣ фурӯзон мешавад, бори дигар сипос ба Яздони пок мегӯяд, ки омӯзгор аст, дар авҷи ғуруру ғайрати ҷавонӣ ҷодаи ояндаи мунаввари хешро дуруст интихоб кардааст...

**Бузургмеҳри БАҲОДУР**

# ШОИР НАМЕМИРАД...

**Умри шоирону нависандагони бузург аз марзи замону макон фаротар меравад. Онҳо ҷисман аз миёни мо мераванд, аммо бо осори ҷовидонаашон дар қалби наслҳо зиндагӣ мекунанд. Барои мисол, номи Шота Руставелӣ - шоири бузурги гурҷии асрҳои XI-XII ва муаллифи шоҳасари безаволи «Палангинапӯш» то имрӯз бо шукӯҳу шаҳомат садо медиҳад.**



Чанд рӯз пеш дар шаҳри Душанбе ба ифтихори дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва пайванди фарҳангии халқҳо нимпайкараи Шота Руставелӣ дар кӯчаи Пушкин қомат афрохт. Ин ду чеҳраи бузурги адабиёти ҷаҳон - Руставелӣ ва Пушкин имрӯз гӯё аз ду сӯйи як кӯчаи фарҳанг ба ҳам менигаранд ва аз арзишҳои абадии сухан, хирад ва инсонгароӣ қисса мекунанд.

Ҳар рӯз садҳо нафар аз назди ин нимпайкара мегузаранд. Яке бетаваҷҷуҳ роҳашро идома медиҳад, дигаре лаҳзае меистаду ба чеҳраи мутафаккир менигарад. Касе дасти фарзандашро гирифта, назди нимпайкара қарор мегирад ва аз зиндагиву осори ин шоири номдор ба ӯ нақл мекунад. Маҳз ҳамин лаҳзаҳо тухми муҳаббат ба китоб, адабиёт ва фарҳангро дар дили кӯдакон мекоранд.

Хуб аст, ки дар кӯчаву хиёбонҳои Душанбе пайкараҳои фарзандони барҷастаи адаб ва афкори халқҳои гуногун қомат меафрозанд. Ин на танҳо рамзи эҳтиром ба фарҳанги дигар миллатҳо, балки мактаби зиндаи маърифат барои насли ҷавон низ мебошад. Зеро шинохти фарҳанги дигарон инсонро таҳаммулпазиртар, донишмандтар ва ба арзишҳои умумибашарӣ наздиктар месозад.

Ман аз солҳои мактабхонӣ бо «Палангинапӯш»-и Шота Руставелӣ ошно ҳастам. Ин ҳамосаи бузурги қаҳрамонии мардуми гурҷӣ танҳо достони паҳлавонону ошиқон нест, он суруди ҷовидонаи дӯстӣ, вафодорӣ, шараф ва ҷавонмардист. Дар саҳифаҳои ин асар рӯҳи озодихоҳии инсон, садоқат ба аҳд ва пирӯзии некиву адолат таҷассум ёфтааст.

Беҳуда нест, ки «Палангинапӯш»-ро яке аз дурдонаҳои адабиёти ҷаҳон меноманд. Ин асар садсолаҳо боз марзҳоро убур карда, дилҳои хонандагонро ба ҳам мепайвандад. Ва имрӯз, вақте ба нимпайкараи Шота Руставелӣ дар Душанбе менигарем, эҳсос мекунем, ки сухани бузург ҳаргиз намемирад. То замоне, ки китоб хонда мешавад ва хотираи фарҳангӣ зинда аст, шоир низ зинда мемонад.

**Абдураҳмон РАҲМОНОВ,**
**журналист**

## МАВЛУДНОМА

### 25 ИЮН

**Маҳмадвафо Маҳмадризоев** (1936-1999), 90-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Дадаҷонов Азиз** (1941), 85 солагии узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Аълочии маорифи СССР.

**Усмон Сулаймонӣ** (1951), 75-солагии зодрӯзи шарқшинос.

**Баҳром Юсуфов** (1911-1973), 115-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

### 26 ИЮН

**Масъуда Исмоилова** (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Эргаш Муллобоев** (1926), 100-солагии зодрӯзи чорводор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 27 ИЮН

**Маҷнун Баротов** (1941-1998), 85-солагии зодрӯзи оҳангсоз, мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Кенҷа Назиров** (1921), 105-солагии зодрӯзи арбоби хоҷагӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 28 ИЮН

**Эшон Аҳмадов** (1926-1992), 100-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Фаттоҳ Маҷидов** (1926), 100-солагии зодрӯзи доктори илми байторӣ, профессор.

**Саид Холзода** (1916-1995), 110-солагии зодрӯзи шоир.

### 29 ИЮН

**Аминҷон Аҳмадҷонзода** (1936), 90-солагии зодрӯзи фолклоршинос.

**Ҳомидҷон Зоҳидов** (1921-1993), 105-солагии зодрӯзи донишманди тиби халқӣ.

### 30 ИЮН

**Валиҷон Алиев** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Мулло Боқиев** (1926-1995), 100-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Қурбон Холиқов** (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Ғафурҷон Шарифов** (1936), 90-солагии зодрӯзи журналист.

### 1 ИЮЛ

**Абдувалӣ Абдувоҳидов** (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Абдусалом Маҳмадмуродов** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Нусратулло Махсум** (1881-1937), 145-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон.

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

## МЕФУРӮШАМ

1-ҳуҷрагии фурӯшӣ, 36,5 м.м., қабати 1, бинои 4-ошёна, таъмир дорад, Профсоюз. Тел.: 907-07-25-57

## ҲАВЛӢ

Ҳавлӣ, 5 дар хона, 3,5 сот. замин, канализатсия, евроремонт, ноҳияи Сино, бозори "Балх", 3 500 000 сомонӣ. Тел.: 93-542-06-94

## НИЁЗ ДОРЕМ

Ба ООО "Шамшер" посбонҳо (мардҳо ва занҳо) лозиманд. Тел.: 777-07-70-67

## ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

Таъмири хона, штукатурка, шпаклевка, часпонидани обой, ламинат, часпонидани дару тирезаҳо, устои барқ, устои таҷҳизоти сантехникӣ, рангмолӣ. Тел.: 75-107-90-90, 907-05-75-97

Таъмири яхдон, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

Насби батареяҳо, ванна, унитаз, мошинаи либосшӯӣ, термексҳо. Тел.: 918-722-822

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

## МЕФУРӮШАМ ГУНОГУН

Дуто ҷевони чоргона (стенки), навес, се диван, зарфҳои фарфор, ваннаҳо, баллонҳои газӣ, люстраҳо, мизҳо, батареяҳо, кунда, дегҳо, китобҳо, бонкаҳо, телевизор ва ғайра, арзон. Тел.: 938-984-238

## МЕХАРАМ ГУНОГУН

Зарфҳо, флягҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, бонкаҳо, асбобу анҷом, қолинҳо, китобҳо, тангаҳо, нишон, медал, ҳайкалча, хрустал, яхдон, мошинаи ҷомашӯӣ, кондитсионер, коғазпора, оҳанпора мехарам. Тел.: 901-03-93-93, 918-70-16-92, 119-78-93-93

Зарф, дег, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, танга, нишон (монеты), ҳайкалчаҳо, мошинаи либосшӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарф, қолин, фляг, асбобҳои шуравӣ, танга ва ғайраҳоро мехарам. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шиносномаи шаҳрвандӣ, A04293819, ба номи Сатторов Фирдавс Ҳоҷимуродович, соли таваллудаш 02.05.1997, ки аз ҷониби ШМД Навобод, ШВКД-1 н. Рӯдакӣ, санаи 10.02.2022 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад..

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Соатов Фаррух, ки аз ҷониби МИСИС соли 2022 дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Муминов Юсуф Хайриддинович, ки соли 2022 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Боборачабов Масрур Муродкулович, ки соли 2019 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Музофирова Юлдуз Истамқуловна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 19, хонаи 8, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, №16107, ба номи Комилова Сановархон Каримджоновна, ки соли 1991 аз ҷониби МТМУ №17-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети донишҷӯӣ ба номи Ходжамова Садокат Хуршедовна, ки соли 2021 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Қарори №2787, аз 13.08.2020, ба номи Бобоев Фирдавс Хуршедович, МИХД н. Рӯдакӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Нуров Ҷумабек, РЯМ: 0730186545, РМА: 075701584, санаи таъсис 04.02.2019, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи ҳисоббароркунӣ (кассовый аппарат) ба номи соҳибкори инфиродӣ Олимова Тахмина Алимжановна, РМА: 045715175, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи шаҳрвандӣ, A05368523, ба номи Шарипова Оиша Олимшоевна, ки санаи 09.02.2024 аз ҷониби ШВКД-1 дар н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Корти гурезагии шаҳрванди Афғонистон ба номи Аҳмадришод Шамсидин, ки аз ҷониби ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи шаҳрвандӣ, A6334685, ба номи Курбонова Рахиёнгуль Тагаевна, ки санаи 18.03.2011 аз ҷониби ШКД дар н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети донишҷӯӣ ба номи Рахимов Хакимжон Шарафжонович, ки соли 2021 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0681112, ба номи Тагайназарова Фараҳноз Сайвалиевна, ки соли 2019 аз ҷониби МТМУ №28-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Халимова Нигора Абдувохидовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Н. Додхудоев 3, ҳ. 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №18-2669, аз 15.08.2023, ба номи Ниёзов Нишон Соҳибович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Испечак, хонаи 199, ки дар нотариуси давлатии Идораи давлати нотариалии н. Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1073180, ба номи Назаров Баҳодур Диловарович, ки соли 2022 аз ҷониби МТМУ №124-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Ниёзов Нишон Соҳибович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Испечак, хонаи 199, ки соли 2023 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №99316, аз 22.09.2023, ба номи Ниёзов Нишон Соҳибович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Испечак, хонаи 199/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Ниёзов Қурбонали, РЯМ: 0730128070, РМА: 095535252, санаи таъсис 31.12.2015, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2003087 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2003238 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2003570| МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2004759 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 30453 ОКА ПФ, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 39187 ОКА ПФ, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 1001424 МИНИКА 1102Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 1005401 2201009858 МИНИКА 1102Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 1017655 МИНИКА 1102Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 1022690 2201008550 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 1022936 2201003413 МИНИКА 1102Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 1024096 2201007958 МИНИКА 1102Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2000765 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома бар ивази билети ҳарбии ҶТ №0019641, аз 24.11.2017, ки аз Комиссариати ҳарбии н. Сино ба номи Абдуллоев Аҳмадҷон Насриддинович дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2000986 2201003904 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2001327 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2002244 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Караев Сунатулло Алимкулович, РМА: 045477165, ки соли 2017 аз ҷониби Нозироти андоз дар н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2009063 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2009319 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2009993 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2010638 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2010708 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2013678|2201006978 МИНИКА 1105Ф, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 6060132 2201010976 АМА Р1 АМА Р1, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 6060477 2201014127 АМА Р1 АМА Р1, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 6061529 2201010427 АМА Р1 АМА Р1, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 6062472 2201010930 АМА Р1 АМА Р1, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 6062840 2201011068 АМА Р1 АМА Р1, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 6651063 АМА Р1 АМА Р1, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 6901985 2201017522| АМА Р1 АМА Р1, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ 2201017523 АМА Р1 АМА Р1, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи назоратии хазинавии ҳисоббароркунӣ, 2201020373 SHARQ SCM TJ, ба номи ҶДММ "Исмоил Фарм", аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Давлат Чоп", №0267514, РЯМ: 0110027216, РМА: 010103516, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Буна", №0269961, РЯМ: 0310025394, РМА: 030037375, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Намояндагии ҶДММ "Алта Про Пеймент Сервисес Провайдер ЛЛС" дар ҶТ, №0309785, РЯМ: 0120001622, РМА: 010111611, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## ШАХСИ ҲУҚУҚӢ

Музоядаи мошини сабукрави Hyundai ix35, 2015 с/б., рангаш асфалти тар, музояда санаи 25.06.2026 дар Сафорати Россия дар Тоҷикистон баргузор мешавад, суроға, ш. Душанбе, к. А. Сино 29/31. Тел.: 904-02-96-02

ҶОМИ ҶАҲОН-2026

# ДАСТАҲОЕ, КИ ЭҲТИМОЛ ДОРАД БА ДАВРИ ПЛЕЙ-ОФФ РОҲ ЁБАНД

**Баъд аз анҷоми даври дуюми вохӯриҳои гурӯҳии Ҷоми ҷаҳонии футбол-2026 чанд даста мустақиман ва чанд дастаи дигар эҳтимолан ба даври плей-офф роҳ меёбанд.**




Аз гурӯҳи А дастаи Мексик бо 6 имтиёз пеш аз мухлат ба даври дигар рафт ва се дастаи дигар - Куриёи Ҷанубӣ, Ҷумхурии Чех ва Африкои Ҷанубӣ низ имкони ба даври плей-офф рафтанро доранд.

Аз гурӯҳи В ҳанӯз ба тарви қатъӣ маълум нест, ки кадом дастаҳо соҳиби роххат мешаванд, чун Канада бо Суис (Швейсария) чоримтиёзӣ доранд, Босниё ва Ҳерзоговин бо Қатар якимтиёзӣ.

Аз гурӯҳи С ба эҳтимоли зиёд Ҳоитӣ мусобиқаро тарк мекунад, Бразилиё бо Марокаш чоримтиёзӣ ва Шотланд се имтиёз доранд.

Аз гурӯҳи D мизбони асосии мусобиқа - ИМА пеш аз мухлат соҳиби роххат шуд. Австролиё ба Парагвай сеимтиёзӣ доранд. Туркия аввалин дастаест, ки расман натавонист аз гурух барояд.

Аз гурӯҳи Е Олмон даври дигарро ба худ ихтисос кард. Ба эҳтимоли зиёд Соҳили Оҷ (Кот-д'Ивуар) низ соҳиби роххат мешавад. Эквадор ва Кюрасао барои як роххати дигар мубориза мебаранд.

Аз гурӯҳи F эҳтимол дорад мусобиқа барои Тунис ба анҷом расида бошад. Нидерландҳо бо Ҷопон бо чоримтиёзӣ пешсафанд. Суид (Шведсия) низ се имтиёз дорад ва ба эҳтимоли зиёд яке аз талабгорони роххат аст.

Аз гурӯҳи G кадом даста бо ишғоли ҷойи якум ба даври дигар меравад, ҳанӯз маълум нест ва ҳамаи чор даста - Миср, Эрон, Белжик ва Зеландиён Нав имкони кариб баробар доранд.

Дар гурӯҳи Н низ айнан мисли гурӯҳи G аст. Испониё 4 имтиёз дорад, Уругвай бо Кабо-Верде дуимтиёзӣ ва Арабистони Саудӣ як имтиёз дорад. Имкони ҳамаи дастаҳо кариб баробар аст.

Дар гурӯҳи I ҳама чиз кариб маълум шудааст. Фаронса бо Норвеж кайҳо соҳиби роххат шуданд. Барои як роххати дигар Сенегал ва Ироқ мубориза мебаранд ва шояд ҳарду ҳам соҳиби он нашаванд. Кӣ медонад?

Дар гурӯҳи J Месcӣ бо панҷ гол дар ду бозӣ тавонист Арҷентинро ба даври плей-офф барад. Утриш (Австрия) ва Алҷазоир сеимтиёзӣ доранд. Ба эҳтимоли зиёд Урдун мусобиқаро тарк мекунад.

Аз гурӯҳи К Колумбия бо ду пирӯзӣ ва Португалия бо чор имтиёз ба даври плей-офф рафтанд. Тақдири ҷойи сеюм дар бозии Ӯзбекистон бо Конго ҳал хоҳад шуд. Ба эҳтимоли зиёд Ӯзбекистон мусобиқаро тарк мекунад.

Аз гурӯҳи L Инглис (Англия) ва Ғано (Гана) роххати даври дигарро соҳиб шуданд. Крувосӣ (Хорватия) низ шояд роҳ ёбад, аммо Панама умедашро аз даст дод.

ҶОМИ ТОҶИКИСТОН

# ДАСТАҲОИ ДАВРИ ЧОРЯКНИҲОӢ МАЪЛУМ ШУДАНД



**Ҳамаи дастаҳои ширкаткунандаи марҳилаи чорякниҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2026 маълум шуданд, ки аксарашон аз вилояти Суғд ҳастанд.**

Бузургтарин хангомаи давр аз бозӣ махрум шудани дорандаи Ҷоми Тоҷикистон ва чемпиони феълии кишвар дастаи «Истиқлол» буд. Пас аз шикасти 1:3 дар Хуҷанд, «Истиқлол» тавонист дар бозии ҷавобӣ бо голи зуди Дмитрий Билоног дар дақиқаи сеюм пирӯз шавад, аммо ин кофӣ набуд. «Хуҷанд» дар маҷмуъ бо ҳисоби 3:2 пирӯз шуд ва ба чорякфинал роҳ ёфт. Дар бозии КМВА ва «Панҷшер» як хангомаи на камтар аз ин рух дод. Пас аз мусовии бегол дар бозии аввал, дастаи Лигаи якум тавонист яке аз пешсафони Лигаи олиро бо ҳисоби 2:1 мағлуб кунад. «Панҷшер» ба даври дигар рафт. Дорандаи чоизаи феълӣ «Регар-ТадАЗ» низ аз мусобиқа берун шуд. Ҳарду бозӣ бо «Эсхата» бидуни гол, 0:0 анҷом ёфтанд. Тақдири роххат дар силсилаи пеналтӣ ҳал шуд, ки дар он клуби Хуҷанд бо ҳисоби 5:4 пирӯз шуд. Яке аз бозиҳои диданитарин бозии «Моҳир» ва «Вахш» буд. Дастаи Бохтар бозии аввалро бо ҳисоби 3:2 бурд, аммо дар бозии ҷавобӣ мизбонон тавонистанд бо ҳисоби 2:1 интиқом гиранд. Дар ниҳоят, "Вахш" бо ҳисоби 6:5 аз рӯи пеналтӣ пирӯз шуд.

"Равшан" ва Кӯлоб низ дар мусобиқа боқӣ мемонанд. Пас аз мусовӣ бо ҳисоби 2:2 дар бозии аввал, даста бо ҳисоби камтарин дар вақти иловагӣ бар "Хосилот" пирӯз шуд. Истаравшан низ бозии муваффақ дошт. Пас аз пирӯзии хонагӣ бар "Баркчӣ" бо ҳисоби 2:1, дастаи Амин Субҳонӣ дар бозии ҷавобӣ бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд. «Сардор» ва "Парвоз" ба осонӣ пешсаф шуданд. Турсунзодагиҳо "Рахш"-ро пас аз шикасти 5:0 дар бозии аввал бо ҳисоби 4:3 мағлуб карданд. "Парвоз" пас аз пирӯзии 4:1 дар хона, дар меҳмонӣ бо ҳисоби 2:0 бар "Сомон" пирӯз шуд. Дар даври чорякниҳоӣ «Эсхата» бо «Панҷшер», «Сардор» бо «Истаравшан», «Равшан» бо «Парвоз» ва «Вахш» бо «Хуҷанд» бозӣ мекунанд.

ФУТБОЛ

# ТОҶИКИСТОН ДАР МУСОБИҚАИ «KING'S CUP 2026»

**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон моҳи ноябри имсол дар мусобиқаи «King's Cup 2026» иштирок мекунад.**

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2027 дар рӯзҳои FIFA дар моҳи ноябр дар мавсими 52-юми мусобиқаи байналмилалии «King's Cup», ки дар Тайланд баргузор мешавад, ширкат хоҳад кард.

Барои ба даст овардани ҷом дастаҳои Тоҷикистон, Тайланд, Уммон ва Баҳрайн мубориза мебаранд. Тибқи низомномаи мусобиқа, пас аз қуръакашӣ дастаҳо ба ду ҷуфти даври ниманиҳоӣ тақсим мешаванд. Ғолибони даври ниманиҳоӣ дар финал бо ҳам рақобат мекунанд, дастаҳои мағлуб барои ҷойи сеюм ба майдон мебароянд.

Мусобиқаи «King's Cup 2026» аз 9 то 17-уми ноябр дар Тайланд баргузор хоҳад шуд. Соли 2022 дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар шаҳри Чиангмай ғолиби ин мусобиқа шуда буд.




## РЕЗААХБОР



Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон, раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар нохияи Варзоб Маркази техникии Федератсияи футболи Тоҷикистонро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

***

Кароматулло Сӯфиев, размикори тоҷик дар муҳорибаҳои омехта дар мусобиқаи FNC 32 дар Осиек, дар Хорватия бо итминон рақиби ботаҷрибаи худ Огох Сардорирo (21-6) бо қарори якдилонаи доварон мағлуб кард. Ин пирӯзӣ ҳафтумин пирӯзии пай дар пайи ӯ аст, ки рекорди умумии ӯро ба 13 пирӯзӣ ва як бохт мерасонад.

***

Марҳилаи якуми Суперлигаи футзали Тоҷикистон ба охир расид. Дастаи «Соро компания» дилпурона дар ҷойи якум аст. Дар ҷойи дуюм дастаи «Сипар» аст, ки низ аз талабгорони асосии унвони чемпионӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, «Истиқлол» барои ин унвон мубориза мебарад ва айни замон дар зинаи сеюм аст.

***

Размикори тоҷик Лоиқ Раҷабов ба майдони мусобиқа бармегардад. Рӯзи 5-уми июл ӯ дар мусобиқаи ACB JJ 21 дар Маскав бо Юсуф Раисови рус тибқи қоидаҳои ҷиу-ҷитсуи бразилӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Мубориза дар вазни 80 кг дар варзишгоҳи «ВТБ Арена Динамо» баргузор мешавад ва яке аз набардҳои асосии мусобиқа хоҳад буд.

***

Размикори тоҷик дар муҳорибаҳои омехта Осимхон Раҳмонов набарди навбатии худро 15-уми август дар мусобиқаи АСА 206 дар Маскав баргузор мекунад. Осимхон "Black Hawk" Раҳмонов (16-5) бо Томаш Деки ботаҷрибаи словакӣ (25-14) рӯ ба рӯ хоҳад шуд.



## ДУОИ ЗАМОНАВӢ

Аз занбӯри беасал,
Аз ачали бемаҳал,
Ҳамсояи нобакор,
Аз хама гӯр хабардор,
Аз туҳмати ногаҳон,
Ғайбатчии ноаён,
Аз мардони занчаллоб,
Бойҳои шабҳо камхоб,
Аз қиморбозу судхӯр,
Ришвадеҳу ришвахӯр,
Аз табиби бебарор,
Ҳам фолбину чинбарор,
Аз ҳамсари чангара,
Аъло паси панчара,
Аз шаби дарди дандон,
Монӣ аз пои равон,
Аз кредит, қарз, андоз,
Аз артисти беовоз,
Аз талбанди бешумор,
Ба чайби кас умедвор,
Аз шофирони чаккон,
Ҷону чигари раҳбон,
Аз ҷолаю сел, борон.
Ва ҳам офтоби сӯзон,
Аз ҳама ҷангу ҷидол,
Намонад ному нишон.
Осмон бошад мусаффо,
Ханда бошад доимо.
Нест бод ҷангҷӯ дар замин,
Даст ба дуо гӯем: омин, омин...

**Эгамназар СОҲИБНАЗАРОВ,**
**н. Деваштич**

---

*Як латифа аз Мундонӣ*

## ТАШБЕҲ

Шахсе назди Мундонии ташбеҳшинос омад ва пурсид:
- Дар аксар мавридҳо баъзе инсонҳои кундфаҳмро ба гов ташбеҳ медиҳанд. Оё ин дуруст аст?
Мундонӣ лаҳзае андешид ва оромона посух дод:
- Ба гов ташбеҳ додани инсон расидан ба иззати нафси говҳо ва паст задани шаъну шарафи онхост.
- Гов чӣ шаъну шараф дорад?,- бо эътироз пурсид ӯ.
Мундонӣ гуфт:
- Гов аз мо қарздор нест, вале мо инсонҳо ҳама умр дар назди гов қарздорем, чунки фарзандони мо бо шири гов калон мешаванд, на фарзанди гов бо шири мо...
- Рост мегӯед, ҳазрат,- гуфт он нафар ва илова кард:
- Воқеан, мо ҳатто фарзанди худро бо шир таъмин карда наметавонем. Аммо он гов ҳам ба фарзанди худаш шир медиҳад ва ҳам ба фарзандони мо.

**Х. ҶУМЪАЗОДА**

## САДАМА

Бемор ба хуш омада, аз духтур мепурсад:
- Доктор, ман чизеро дар ёд надорам. Садама рух дод?
Духтур:
- Бале, шумо ба зери поезд афтода, дирӯз ҷарроҳӣ шудед.
Бемор:
- Пас, ман дар беморхона қарор дорам?
Духтур:
- Қисман...

## ЛӮЛАКАБОБ

Дар тарабхона пешхизмат лӯлакабобро дар чангак гирифта, бо ангушташ қапида меорад.
Мизоҷ:
- Шумо девона шудаед? Лӯлакабоби маро бо дастатон чаро мекапед?
Пешхизмат:
- Чӣ, шумо мехоҳед, ки он бори сеюм ба замин афтад?

## НАФАҚА

Зане аз дугонааш мепурсад:
- Дугона, нафақа чӣ аст?
Дугонааш дар ҷавоб:
- Ин пулҳое мебошанд, ки аз фонди нафақа ба дорухона бо кумаки нафақагир интиқол дода мешаванд.

## ТАРБИЯ

Модар аз писарчааш мепурсад:
- Ҷаро ту китоби "Тарбияи фарзанд"-ро мутолиа мекунӣ?
Писарча:
- Туро назорат мекунам, ки мабодо дар тарбияи ман аз ҳад нагузаронӣ!

## ВАЪДА

Духтар пеш аз издивоҷ ба дӯстдоштааш мегӯяд:
- Азизам, ба ман ваъда деҳ, ки аз қиморбозӣ даст мекашӣ.
Ҷавон:
- Хуб, ҷонакам.
Духтар:
- Аз сигор ҳам.
Ҷавон:
- Хуб, ҷонакам.
Духтар:
- Аз пиво ҳам.
Ҷавон:
- Тамом?
Духтар:
- Боз аз чӣ даст кашида метавонӣ?
Ҷавон:
- Аз зангирӣ!

## ШАБИ КӮТОҲТАРИН

Ҷавоне аз дӯсташ мепурсад:
- Тӯят санаи чандум буд?
Домод:
- 21-уми июн.
Ҷавон:
- Шаби кӯтоҳтарин?
Домод:
- Бале!
Ҷавон:
- Э шармандае!

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

